آوازِ تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

16 марти соли 2024 Шанбе № 22 (15033)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ЗАРУРАТИ КУЛЛАН ВАСЕЪ ГАРДОНДАНИ ҲАМКОРИИ БИСЁРҶОНИБАИ ЎЗБЕКИСТОНУ ҚАЗОҚИСТОН ҚАЙД ГАРДИД

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 15 март ҳайати ҳукуматии Ҷумҳурии Қазоқистонро таҳти сарварии Сарвазир Олҷас Бектенов қабул кард.



Сарвари кишварамон Сарвазир Олҷас Бектеновро ба муносибати ба ин вазифа таъин шуданаш самимона табрик гуфта, дар фаъолияти масъулиятнокаш комёбиҳои бузург таманно намуд.

Дар навбати худ роҳбари Ҳукумати Қазоқистон ба Президенти Ӯзбекистон салом ва таманнои беҳтарини Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим Ҷомарт Тоқаевро расонд.

Дар рафти мулоқот масъалаҳои густариши минбаъдаи ҳамкории бисёрҷонибаи Ӯзбекистону Қазоқистон баррасӣ шуданд. Аз ҷумла, ба ташаккул додани рӯзномаи нави ҳамкории амалӣ дар чаҳорчӯби тайёрӣ ба чорабиниҳои муштараки дарпешистодаи сатҳи олӣ таваҷҷуҳи алоҳида дода шуд.

Зарурати бартараф намудани монеаҳо ва андешидани чораҳои ҳамоҳангшуда оид ба зиёд намудани ҳаҷми муомилоти тарафайни мол, аз он ҷумла дар ҷараёни фаъолияти гурӯҳи корӣ, ки вазоратҳои ваколатдор сарварӣ мекунанд, қайд гардид.

Инчунин масъалаҳои амиқсозии кооператсия дар саноат, нақлиёт ва логистика, ки дар фазои стратегии ду кишвар самти калидӣ ба ҳисоб мераванд, баррасӣ шуданд.

Мақсаднок будани фаъолона пеш бурдани маҷмӯи нави барномаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятнок ва лоиҳаҳои инфрасохтории аҳамияти минтақавӣ дар соҳаи нақлиёт ва энергетика таъкид гардид.

Президенти Ӯзбекистон аҳамияти идома додани робитаҳои наздик ва низомнокро дар сатҳи ҳукуматҳо ба мақсади куллан васеъ гардондани ҳамкории ба ҳамдигар муфиди байни Ӯзбекистон ва Қазоқистон таъкид намуд.

ЎзА.

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

НАҚШАҲОИ ОММАВӢ ГАРДОНДАНИ НАМУДҲОИ ВАРЗИШ МУАРРИФӢ КАРДА ШУДАНД

Президент Шавкат Мирзиёев бо тақдимот бахшида ба рушди атлетикаи вазнин дар кишвар ва инфрасохтори футбол дар маҳаллаҳо шинос шуд.

Варзиш дар ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни аҳолӣ, пурмазмун гузарондани вақти ҷавонон нақши муҳим мебозад. Ба оммавӣ бо варзиш шуғл варзидан Олимпиадаи «Панҷ ташаббус», чемпионатҳои ҷумҳуриявӣ мусоидат менамоянд. Дар айни ҳол ба рушди намудҳои олимпии варзиш ва омода намудани варзишгарони соҳибихтисос диққати махсус дода мешавад.

Аз ҷумла, дар Барномаи давлатӣ оид ба татбиқи стратегияи «Ӯзбекистон – 2030» дар «Соли дастгирии ҷавонон ва тиҷорат» ташкили низоми кори инфиродӣ бо варзишгарони вазнбардори ҳамаи тоифаҳои синну сол ва ташкили Маркази вазнбардорӣ барои омодагии касбии онҳо пешбинӣ шудааст.

Марказ дар назди Вазорати варзиш дар шаҳри Чирчиқ созмон дода хоҳад шуд. Ин муассисаи махсусонидашудаи таълимӣ буда, ба синфҳои 7-11 сабақ медиҳад. Наврасон дар асоси усулҳои пешқадам ҳамчун номзадҳои асосӣ дар таркиби дастаҳои мунтахаб тайёр карда мешаванд. Ба нақша гирифта шудааст, ки марказ аз соли таҳсили 2025/2026 ба фаъолият шурӯъ кунад.

Ба ғайр аз ин, бо дастгирии Шӯрои федератсияи иттифоқҳои касаба клуби варзишӣ оид ба атлетикаи вазнин ташкил карда хоҳад шуд. Дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, инчунин вилоятҳои Намангон, Тошканд ва Самарқанд мактабҳои минтақавӣ кушода мешаванд.

Умуман барои инкишофи ин намуди варзиш барномаи сесола таҳия шудааст. Дар он вазифаҳо оид ба баланд бардоштани шавқу рағбати ҷавонон ба атлетикаи вазнин, фароҳам овардани шароити мусоид барои варзишгарон дар минтақаҳо, рақамисозии раванди селексия, ҷалби мутахассисони соҳибихтисоси хориҷӣ ва аз худ намудани таҷрибаи пешқадам фаро гирифта шудааст.

Ба мақсади оммавӣ гардондани атлетикаи вазнин баргузор намудани мусобиқаҳои сезинавӣ, инчунин чемпионати Осиёи Марказӣ ва чемпионати кушоди «Uzbekistan open» ба нақша гирифта шудааст.

Дар кишвари мо намуди маъмултарини варзиш футбол ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар маҳаллаҳо нақшаҳои рушд ва густариши инфрасохтори футбол таҳия шудаанд.

Барои ин дар маҳаллаҳо стадионҳои мавҷуда ва дигар майдончаҳои варзишӣ самаранок истифода бурда мешавад. Дар он ҷое, ки онҳо вуҷуд надоранд, чунин иншоот дар асоси шарикии давлатию хусусӣ сохта мешаванд. Дастаҳои мунтахаби мардонаю занонаи маҳаллаҳо байни гурӯҳҳои синну солашон гуногун ташкил карда мешаванд. Бозингарони ҷавони боистеъдод ба муассисаҳои футболи касбӣ фиристода мешаванд.

Дар ташкили ин кор ба пешвоёни ҷавонон дар маҳаллаҳо шуъбаҳои минтақавии Ассотсиатсияи футболи Ӯзбекистон ва мактабҳои варзишӣ ёрӣ мерасонанд.

Ба ғайр аз ин, аз соли ҷорӣ сар карда, дар асоси таҷрибаи Ассотсиатсияи футболи мактабҳои Англия низоми роҳбари мактаби футбол дар байни хонандагони синфҳои 8-11 интихоб карда мешавад. Ҳамчунин миёни наврасони 12-15-сола «Лигаи маҳаллаҳо»-и дудараҷагӣ ва наврасони тоифаи синну соли 16-30-сола ҷоизаи сезинавии Хидмати беҳатарии давлатӣ ташкил карда мешавад.

Ин чорабиниҳо ба рушди инфрасохтори футбол, интихоб ва дастгирии ҷавонони боистеъдод, ташаккул додани захираи баландсифат барои дастаҳои мунтахаби миллӣ мусоидат мекунанд.

Сарвари давлат ин пешниҳодҳоро пазируфта, оид ба мустаҳкам намудани фазои варзишӣ ва дӯстӣ байни ҷавонон ва дар сатҳи баланди ташкилӣ баргузор намудани мусобиқаҳо супоришот дод.

ЎзА.

МАСЪАЛАҲОИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКӢ МАВРИДИ МУҲОКИМА ҚАРОР ГИРИФТАНД

13-15 марти соли равон толори меҳмонхонаи «Ҳилтон»-и шаҳри Тошканд ҳаштумин Конгресс ва намоишгоҳи байналмилалии «Гидроэнергетика. Осиёи Марказӣ ва Баҳри Хазар»-ро мизбонӣ кард. Дар он аз 20 кишвари ҷаҳон, мисли Чин, Русия, Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, Эрон, Арманистон, Русия, Гурҷистон, Туркия ва мамолики дигар 200 нафар ширкат намуданд.

Лозим ба ёдоварист, ки ин конгресси байналмилалии бонуфуз дар кишвари мо бори дуюм баргузор мешавад.

Тавре ки дар доираи баҳсу баррасиҳои конгресс зикр шуд, он як платформаи касбӣ буда, барои муколамаи доманфарох, мубодилаи таҷрибаҳо, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли масоили мавҷуда ва муттаҳид намудани саъю кӯшишҳо барои татбиқи самарабахши як қатор лоиҳаҳои сохтмонӣ, инчунин бозсозии неругоҳҳои барқи обӣ ва муайян кардани мушкилоти ояндаи ин соҳа заминаи мусоид фароҳам овард.

Табдил додани манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар шароити норасоии энергия дар минтақаҳо, таҷриба дар сохтмони неругоҳҳои барқи обии бузург ва миёна, кори амалӣ оид ба бозсозии неругоҳҳои барқи обии мавҷуда, бунёди неругоҳҳои барқи обии хурду бузург ва шарикии давлат бо бахши хусусӣ, таҷрибаи хориҷӣ дар самти сарфаи энергия ва табдилдиҳии сабз, навовариҳои пешқадам дар саноат, лоиҳаҳои нави сармоягузорӣ, таҷрибаи рақамикунонӣ ва автоматикунонии неругоҳҳои барқи обӣ, масъалаҳои таъмини амниятӣ энергетикӣ ва амсоли он аз масъалаҳое буданд, ки дар меҳвари баррасии он қарор гирифтанд.

Ин чорабинӣ ва намоишгоҳи бузург дар ҳамкорӣ бо намояндагони минтақаҳои Осиёи Марказӣ ва Баҳри Хазар баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои калидии гидроэнергетикӣ баррасӣ ва табодули таҷриба бо иштироки коршиносони варзида низ сурат гирифт. Маърӯзаҳои асосии конгресс ба ислоҳоти васеъмиқёс дар соҳаи гидроэнергетика, дурнамои имрӯза ва ояндаи кишвари мо бахшида шуданд.

Дар он муовини сардори раёсати рушди дарозмуддат ва татбиқи лоиҳаҳои ҳамкориҳои хусусии «Ӯзбекгидроэнерго» Нодирбек Ақчабоев дар мавзӯи «Стратегияи рушди гидроэнергетикаи Ӯзбекистон то соли 2030» маърӯза кард. Ба гуфтаи ӯ дар вилоятҳои Ҷиззах, Тошканд ва Ҷумҳурии Қароқалпоқистон чаҳор неругоҳи гидроаккумуляторӣ сохта мешаванд, ки дар Осиёи Марказӣ лоиҳаи беназир муаррифӣ хоҳанд шуд. Иқтидори умумии ҳамаи он 1 ҳазору 600 МВт ва тавлид 2,8 ГВт/соатро ташкил хоҳад кард.

– Ғайр аз ин дар Ӯзбекистон 18 неругоҳи нави барқи обӣ бо иқтидори 1 ҳазору 630 МВт сохта мешаванд. Ҳамчунин ба сохтмони 28 неругоҳи барқи обии хурд бо иқтидори 28 МВт шурӯъ карда хоҳад шуд. Дар 15 неругоҳи барқи обии мавҷудаи мо корҳои бозсозӣ пиёда мегарданд, – изҳор намуд Нодирбек Ақчабоев.

Дар ҷараёни конгресси ҳаштуми байналмилалӣ яке аз ширкатҳои пешрафтаи ҷаҳон дар соҳаи энергетикаи аз ҷиҳати экологӣ тоза, ширкати Abu Dhabi Future Energy Company – Masdar (Аморати Муттаҳидаи Араб) бо ҶС «Ӯзбекгидроэнерго» шартнома имзо кард. Ин созишнома аввалин вуруди Масдар ба бозори гидроэнергетикаи Ӯзбекистон муаррифӣ гардид.

Ба таври илова метавон зикр намуд, дар моҳи декабри соли 2023 лоиҳаҳои энергияи офтобӣ ва шамолӣ бо иқтидори умумии 1,4 ГВт аз ҷониби ширкати Масдар таҳия карда шуданд, ки таҳти татбиқ қарор гирифтаанд. Лоиҳаҳое, ки ба ин шабака пайвастанд, аз неругоҳи шамолии Зарафшон бо иқтидори 500 МВт ва се лоиҳаи офтобӣ иборатанд. Ин тавлидкунандагони неруи барқ дар вилоятҳои Ҷиззаху Самарқанд ва ноҳияи Шерободи вилояти Сурхондарё ҷойгиранд, ки бузургтарин барномаи рушди энергияи офтобиро дар минтақа муаррифӣ мекунанд.

Ба гуфтаи муовини якуми Раиси Раёсати ҶС «Ӯзбекгидроэнерго» Фозил Маҳмудов мо дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорем ва ба татбиқи лоиҳаҳои сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ, неругоҳҳои барқи аккумуляторӣ, модернизатсияи неругоҳҳои мавҷудаи барқи обӣ фаъолона шурӯъ карда истодаем. Ин воқеа дар рушди гидроэнергетикаи ҷумҳурии мо саҳифаи нав мекушояд.

Ба шарофати натиҷаҳои бадастомада ва пешравиҳо Ӯзбекистон мунтазам иқтидори гидроэнергетикиашро фаъолона рушд дода, саъй менамояд, ки эҳтиёҷоти афзояндаи энергетикиро бо роҳҳои бунёди неругоҳҳои барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза беш аз пеш таъмин кунад.

Дар воқеъ, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон низ ҳамкориҳояшонро дар самти гидроэнергетика беш аз пеш тавсеа мебахшанд. Якуним сол муқаддам Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба сохтмони 2 неругоҳи барқии обӣ дар дарёи Зарафшон ҳусни оғоз бахшиданд. Онро мутахассисони ҳарду кишвар бо иқтидори умумии 320 МВт барпо хоҳанд кард.

Дар поёни конгресси байналмилалии «Гидроэнергетика. Осиёи Марказӣ ва Баҳри Хазар» як гурӯҳ иштирокчиёни он аз Неругоҳи барқи обии Фарҳод, воқеъ дар наздикии шаҳри Ширини вилояти Сирдарё боздид намуданд, ки иқтидори он пас аз таҷдид то 128 МВт афзоиш ёфтааст.

Ҳулкар ҶӮРАЕВА,
сармутахассиси дафтари матбуоти ҶС «Ӯзбекгидроэнерго».

Кирмакпарварӣ ҳарчанд як моҳ давом мекунад, корест пурмашаққат. Аз соҳибкор сабр ва бедорхобии шабонарӯзиро тақозо дорад.

ОМОДАГӢ БА КИРМАКПАРВАРӢ

Сайёра Набиеваи навбаҳорӣ аз овони наврасӣ ба кирмакпарварӣ рағбат дошт.

Айёми кирмакпарварӣ ба ҳамсоя ва қарибону наздикон кумак мерасонд. Азобу заҳмати кирмакпарвариро хуб дарк карда ва аз ҳамон давр оташаки заҳмати кирмакпарвариро дар қалби худ фирӯзон карда буд. Бонуи дар меҳнат обутобёфта 22 сол мешавад, ки ба хоҷагии фермерии «Ибодбобо» роҳбарӣ мекунад. Хоҷагии мазкур нафақат ба истеҳсоли ғаллаю пахта, балки ба чорводорию кирмакпарварӣ низ ихтисосонида шудааст.

– Агар 20 сол боз дар хоҷагии деҳот фаъолият дошта бошам, 15 соли охир пайваста кирмакпарварӣ мекунам, – мегӯяд С. Набиева. – Хоҷагиамон як гектар майдони тутзор дорад. Ҳар сол аз кирмакпарварӣ даромади хуб мегирем. Сарвари давлатамон ба соҳаи кирмакпарварӣ беш аз пеш эътибор медиҳад. Ба кирмакпарварон имтиёзҳои зиёд дода шудааст. Барои як моҳи кирмакпарварӣ додани собиқаи яксолаи корӣ имтиёзест арзанда. Ба наздикӣ Сарвари кишвар нархи маҳсулоти кирмакпарвариро 25 фоиз зиёд намуд, ки ин низ як имтиёз аст барои кирмакпарварон.

Зимни суҳбат С. Набиева гуфт, ки кирми пилла тозагӣ ва озодагиро тақозо дорад. Хонаи кирмакпарварӣ бояд ҳарорати доимии якхела дошта бошад. Ин сухану андешаҳо дар семинари илмӣ-амалӣ, ки бахшида ба кирмакпарварӣ дар Маркази ҷавонони шаҳри Навоӣ баргузор гардид, садо доданд.

Ин тадбир ба мақсади бо шуғл таъмин намудани бонувони хонанишин гузаронида шуд.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти НАВОӢ.

Иқдоми нек

ТАМОМИ ҲАСТИРО БАҲРИ САРСАБЗИЮ ХУРРАМӢ ВА СУБОТУ ПОЙДОРИИ ВАТАНИ АЗИЗ БАХШЕМ

Бегоҳирӯзӣ аҳли хонаводаи мо барои ифтор ҷамъ омаданд. Офтоб домон ғундошта бошад ҳам, барои рӯзакушоӣ чанд дақиқа вақт буд. Имтиҳони санҷиши сабру таҳаммул, хосатан барои наберагон оғоз ёфт. Акрабаки соат бо маромии худ пеш метохт.

Ҳамин вақт Хиромони 13 сола:

– Пагоҳ дар мактаби мо ҳашар, – гуфт бо таъби болида, – муаллимамон фармуданд, ки ҳама бо либоси хонагӣ, писарҳо бо белу каланд, духтарон бо ҷорӯбу сатил оянд.

Аз қарори Сарвари давлат бобати бо савияи баланд гузаронидани Наврӯз ва 16-17-уми марти соли равон баргузор кардани ҳашари умумихалқӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, албатта, хабардор будем, вале худро ба нодонӣ зада, пурсидам:

– Хӯш, шумо чӣ кор карданӣ?

– Мо, духтаракҳо ҳавлӣ, кӯча мерӯбем, писарҳо ниҳолҳои гуногун шинонда, дарахтони атрофи мактабро бо оҳак сафед мекунанд, – бо завқ хабар дод набераам, – корамонро директор назорат карда, синфҳои пешқадамро эълон мекунанд.

– Дар гузар ва дар қабристони Хоҷа Аҳрори Валӣ ҳам ҳашар эълон гардид, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд фарзанди калонӣ Бахтиёр.

Воқеан, қарори Президент «Дар бораи омодагӣ ва баргузор намудани ҷашни умумихалқии Наврӯз дар соли 2024» барои амалӣ шудани анъанаҳои неки гузаштагони мо, алалхусус меҳру муҳаббат ба меҳнат, ободу зебо гардидани кишвари азизамон, дӯстии байнимиллӣ, тарбияти насли наврас дар рӯҳияти меҳнатдӯстӣ такони бузургест, ки лоиқи таҳсину ситоиш мебошад.

Ёд дорам, солҳои ҷавонӣ дар фасли тирамоҳ мардҳои гузар ҳама дастҷамъона ба ҳашари бомандовакунӣ ширкат варзида, кумаки беғаразонаи хешро аз якдигар дареғ намедоштанд. Алалхусус, аз хидмати беминнати мо – ҳашарчиён соҳибони оилаҳои камбизоат миннатдор буданд. Агар касе аз ҳашари умумихалқӣ канорачӯй кунад, бешубҳа аз мӯйсафедони соҳибэҳтиром танбеҳ мегирифт.

Зеро ҳашари умумихалқӣ тӯли асрҳо мавҷуд буда, ҳисси башардӯстӣ, ваҳдату ягонагии халқро мустаҳкам мекард, фазилатҳои неки инсониро тарғиб менамуд.

Хушбахтона, ҳоло мо боз анъанаҳои неки гузаштагони худро эҳё мекунем.

Мардум ба ҳашари умумихалқӣ чун ба кори муҳим якдилона иштирок мекунанд.

– Ниҳол парвариш кардан, роҳу пулҳо сохтан кори неку савоб аст, – иброз дошт имом-хатиби масҷиди ҷомеи Хоҷа Аҳрори Валӣ ҳоҷӣ Яъқубхон Мансуров. – Ман қабл аз намозгузорӣ ба аҳли ислом мефаҳмонам, ки ба кори неку хайр саҳмгузор шаванд, ки ба саодати ду дунё соҳиб мегарданд.

Дар кӯчое хонда будам, ки дар як шабонарӯз ба як нафар одам 5-6 литр кислород (оксиген) лозим будааст. Барои қонеъ шудани ӯ 22 бех дарахт зарур.

(Давомаш дар саҳ.2).

Дар баробари вусъати муборизa бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ дар кишвари мо шаклҳои муомилоти ин моддаҳо низ тағйир меёбанд. Таассуфовар аст, ки ҷиноятқороне, ки қаблан ҷавононро ҳамчун ҷабрдида ба доми худ мекашанд, ҳоло онҳоро барои савдои моддаҳои нашъавор ҷалб менамоянд.

АГАР КӮДАК БА ДОМИ НАШЪАМАНДӢ АФТАД, ЧӢ БОЯД КАРД?

Мутаассифона, вақтҳои охир ба муомилот ба ҷойи маводи мухаддири маъмул дорухои бештар таъсиркунанда ва моддаҳои психотропӣ ворид шуда, барои паҳн кардани онҳо аз кӯдакон истифода мебаранд. Натиҷа бошад маълум: шантаж, таҳдид, ба нашъамандӣ ручӯъ кардан, ҷиноятҳои дигар, латукӯб, зӯроварӣ ва ниҳоят дар паси панҷара мешаванд.

Ба ин маънӣ, имрӯз ҳар як падару модар бояд ба он диққати ҷиддӣ диҳад, ки фарзандаш давоми рӯз ба кучо мераваду бо чӣ машғул аст. Дарди кӯдаки ба доми савдогарони маводи мухаддир афтодаро сари вақт дарк намуда, ба ӯ кумак расонидан лозим аст. Пеш аз ҳама, падару модарон бояд кӯшиш кунанд, ки бо фарзандашон дар бораи ташвишҳои худ ошкоро ва самимона суҳбат кунанд.

Пас, шахси ба нашъамандӣ ручӯъкардаро чӣ гуна бояд шинохт? Бояд гуфт, ки ин гуна одамон иштиҳоҳонро гум мекунанд, доимо ташна мешаванд, дар онҳо бехобӣ мушоҳида мешавад. Азбаски маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ ба луобпардаи пӯст осеб мерасонанд, зуд-зуд хунравии бинӣ ба амал меояд. Падару модаре, ки дар фарзандаш чунин аломатҳои бегонаро пай мебарад, фавран барои бартараф кардани хатар чораҳо меандешад.

Аммо баъзе аз кӯдакон аз беэътиноӣ ё бепарвоии волидайн ба муомилоти маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ шурӯъ мекунанд. Гарчанде дар ҳеч кучо кор накунад ҳам, дар дасташ пули калон, чизҳои қиматбаҳо пайдо мешавад, либосаш низ дигар мешавад. Агар волидайн аз чунин тағйироти тарзи зиндагии фарзандаш чӣ қадар зудтар пай барад, баргардонидани онҳо аз ин роҳ осонтар мешавад.

Тибқи қонун барои паҳн кардан, интиқол ва фурӯши маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ нисбат ба навраси ба синни 16 расида ҷазо муқаррар шудааст. Кӯдаке, ки ин ҷиноятро содир мекунад, ба мӯҳлати аз як то се сол аз озодӣ маҳдуд ё ба муддати се сол аз озодӣ маҳрум карда мешавад.

Мутобиқи моддаи 274-и Кодекси ҷиноӣ, ҷалб намудан ба истеъмоли воситаҳои нашъавор, аналогҳои онҳо, моддаҳои психотропӣ ё дигар моддаҳои нашъадор, ки ба ақлу идроки шахс таъсир мерасонанд – ҷазоҳо бобати бо корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то се сол ёхуд маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати аз як то се сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то се сол муқаррар шудааст.

Акнун саволе ба миён меояд, падару модарон агар гумон дошта бошанд, ки фарзандашон маводи мухаддир ё моддаҳои психотропиро истеъмол ё паҳн мекунад, бояд кадом роҳро пеш гиранд?

Пеш аз хама бояд бо кудак ошкоро суҳбат кунанд, агар аз ӯҳдаи ин кор набароянд, метавонанд аз ёрии равоншинос истифода баранд. Ҳатто волидайне, ки бо фарзандашон муносибати наздик доранд, аз кумаки мутахассис истифода баранд, мувофиқи мақсад мебуд. Агар кӯдак иқрор шавад, ки ба ин гуна моддаҳо майл дорад, фавран ба нарколог мурочиат кардан лозим аст.

Хулоса, муборизa бар зидди ин иллат вазифаи на танҳо падару модарон ва ё мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ, балки вазифаи ҳар як шаҳрванди муқими ин кишвар бошад. Зеро, ҷавонони мо мададгор ва такъягоҳи рушди кишварамон мебошанд.

Мавлуда ИБРОҲИМОВА,
депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.

Аз ҷониби ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Найман агро теплитса», воҳеъ дар ҳудуди ҷамоати шаҳрвандони «Найманкӯл»-и ноҳияи Тахиатоши Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, дар соли 2018 аз ҳисоби инвеститсия (ба маблағи 3,8 миллион доллари ИМА) тибқи технологияи Куриёи Ҷанубӣ гармхона бунёд гардида буд.

Дар ин ҷо қариб 100 нафар бо шуғли доимӣ фаро гирифта шудаанд. Ҳосили помидоре, ки дар 8,5 гектар майдони гармхона парвариш меёбад, дар баробари таъмин намудани бозори маҳаллӣ, ба кишварҳои Қазоқистон ва Русия содир карда мешавад.

Дар акс: *дар гармхона.*

Аксбардор: М.ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).

ТАМОМИ ҲАСТИРО БАҲРИ САРСАБЗИЮ ХУРРАМӢ ВА СУБОТУ ПОЙДОРИИ ВАТАНИ АЗИЗ БАХШЕМ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Афсӯс, ки дар шаҳри Тошканд аз сабаби дарахтбуриҳои зиёд обу ҳавои шаҳр ниҳоят муфлис шуд. Бинобар ин Президентамон вазифа гузоштанд, ки ҳар сол 40-50 миллион бех ниҳол нишонда ва парвариш карда шавад.

Бояд таъкид намуд, ки маҳз бо роҳи ҳашар Самарқанд сол то сол ривочу равнақ меёбад, зеботар мегардад. Тавре ки аз ҳокимияти вилоят хабар додаанд, дар тамоми шаҳру ноҳияҳо пиру ҷавон ба ҳашари умумихалқӣ баромада, барои боз ҳам бештар ба гулгашту кабудизор табдил ёфтани манзили зист, гузару кӯчаҳо саҳмгузор хоҳанд шуд.

– Самарқанд маркази сайёҳии Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст, – гуфт ҷонишини ҳокими вилоят Рустам Қобилов. – Дар рӯзҳои ҷашни Наврӯз аз тамоми дунё меҳмонони хориҷӣ ташриф оварда, аз чорабиниҳои мо бахраманд мешаванд.

Дар «Боғи Ӯзбекистони Нав»-и мавзеи Қаросув, истироҳатгоҳи марказии ба номи Алишери Навоӣ, хиёбони донишгоҳ, майдони Регистон, амфитеатри «Мӯъҷиза» ва дар тамоми шаҳру ноҳияҳои вилоят Наврӯзи дилафрӯз таҳти шиори «Олам аз ту нурборон бод, Наврӯз!» мутантан ҷашн гирифта мешавад.

Ҳама ба ҳашари умумихалқӣ!

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

14 марти соли равон дар арафаи «Рӯзи умумиҷаҳонии об» дар шаҳри Тошканд бахшида ба оғози лоиҳаи нави Комиссияи иқтисодии СММ барои Аврупо семинари байналмилалӣ баргузор гардид. Он ба муносибати шомил шудани Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Протокол оид ба масоили об ва саломатӣ сурат гирифт.

ТАТБИҚИ ЛОИҲАИ НАВИ СММ БА БЕҲБУДИ ВАЗЪИ ЭКОЛОГӢ МУСОИДАТ ХОҲАД КАРД

Муассисии ин семинарро Комиссияи иқтисодии СММ барои Аврупо, Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим ва Вазорати маъдани кӯҳӣ ва геологияи ҷумҳурӣ бар дӯш доштанд. Дар семинар муовини вазири экология Ҷусипбек Казбеков, муовини котиби иҷроияи Комиссияи иқтисодии СММ барои Аврупо Дмитрий Марясин, иҷрокунандаи вазифаи ҳамоҳангсози доимии СММ дар Ӯзбекистон Сара Ношади, роҳбари шуъбаи ҳамкориҳои сафорати Швейтсария дар Ӯзбекистон Рахел Боеш ва роҳбарони як қатор вазорату идораҳо ширкат намуданд.

Лоиҳаи мазкур, ки дар солҳои 2024-2026 амалӣ мегардад, аз ҷониби Агентии Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ маблағгузорӣ мешавад. Ҳадафи лоиҳа такмили идоракунии миллӣ ва тавонмандӣ дар бахши об ва саломатӣ, пешгирии олудашавии аз ҳад зиёди об, бахусус олудашавӣ аз партовҳои истихрочи маъдани кӯҳӣ мебошад. Дар баробари ин, лоиҳа таҳкими устуворӣ нисбати таъсири тағйирёбии иқлим, мусоидат барои ҳамкориҳои фаромарзӣ ва густариши табодули минтақавиро дар меҳвари иҷро қарор додааст.

Дар рафти чорабинӣ масъалаҳои таъмини об, беҳбуди вазъи санитарӣ ва ҳифзи тандурустӣ, пайвастани Ӯзбекистон ба Конвенсия дар бораи оқибатҳои фаромарзӣ зимни ба миён омадани ҳолатҳои ногувори экологӣ ва садамаҳои гуногуне, ки дар корхонаҳои саноатӣ рух хоҳанд дод, васеъ муҳокима карда шуданд.

Дар идомаи семинар, ки дар се иҷлосия ба вуқӯъ пайваст, масъалаҳои таъсиси гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба бехатарии об, бозниГарии стандартҳои партов ва идоракунии захираҳои оби мамлакати мо низ ба рӯзномаи ҷаласаҳо ворид гардид.

Маърӯзачиён ва иштирокчиёни семинари байналмилалӣ ба ҳаҷм, имтиёзҳо ва талаботи асосии Конвенсияи СММ дар бораи оқибатҳои фаромарзии садамаҳои саноатӣ, таҷрибаи Ӯзбекистон ҳамчун бахрабардори Барномаи кумак ва ҳамкорӣ дар Конвенсия таваҷҷуҳи махсус зоҳир карданд. Дар айни ҳол таҷрибаи Маҷористон ҳамчун иштирокчии Протокол оид ба об ва саломатӣ низ мавриди назари онҳо қарор гирифт.

Маълум шуд, ки дар кишвари мо дар доираи Протоколи СММ амалӣ шудани як қатор корҳо ва роҳҳои иҷрои вазифаҳои устувор барои оянда муайян гардиданд. Масъалаи дигаре, ки дар атрофи он баҳсу мунозира шуд, дида баромадани стандартҳое буд, ки ба тоза намудани обҳои ифлосшуда нигаронида шудаанд.

Иштирокчиёни семинари мазкур ба натиҷа расиданд, ки ҳифзи муҳити зист, тоза нигоҳ доштани об, ҷилавгирӣ аз ҳар гуна садамаву офатҳои кримоногенӣ бояд дар доираи талаботу таҳозои Протокол оид ба масоили об ва саломатии Комиссияи иқтисодии СММ барои Аврупо, ки Ӯзбекистон шомили он мебошад ва Конвенсия дар бораи оқибатҳи фаромарзӣ амалӣ карда шаванд.

Лола РАҲМОН�following,
котиби матбуоти Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

Хабарҳо аз вилояти Бухоро

Чун анъана бо баробари оғози баҳор дар сарзамини бостонии мо корҳои ободгардонӣ, сабзу хуррамсозии ҷойи зист, табъи дил пешвозгирии Наврӯзи навбаҳорон ҷӯш мезанад. Ин тадбир ҳоло дар ноҳияи ҷанубии вилояти Бухоро – Олот бо рӯҳбаландии ба худ хос ба амал меояд.

ҶАРАЁНҲОИ ОБОДГАРДОНӢ ДАР МАВЗЕЪҲОИ БУХОРО

Дар маҳаллаҳои ноҳия таҳти шиори «Маҳаллаи обод ва зебои ман» ҳашарҳои халқӣ баргузор мегардад. Пиру ҷавон ба ин тадбир иштирок намуда, ба зодгоҳ ва ҷойи зист муҳаббати беандоза доштани худро зоҳир мекунанд. Мардуми ноҳия азму кӯшиш доранд, ки фаслҳои тирамоҳу баҳор дар ҷойҳои бекорхобида, соҳили ҷӯю рудҳо, ҳар як ваҷаб ҷое, ки имконияти ғунҷоиш дорад, қариб 600 ҳазор бех ниҳолҳои мевадору манзаравӣ, инчунин, кӯчаҳои буттадор шинонда, гирду атрофро ба кабудизор – макони сабз табдил диҳанд. Ин ҷараён хусусан дар ҷойҳои аҳолинишини 38 маҳаллаи ноҳия, гузару кӯчаҳо, корхонаю ташкилот бо рӯҳбаландӣ сурат мегиранд. Аз ҷумла, ҷӯшу хурӯши корҳо дар маҳаллаи «Арабхона»-и ноҳия ибратбахш аст. Дар ин ҷо хонаю ҷойҳо ба тартиб дароварда шуда, бобати аз қитъаҳои наздиҳавлӣ истифодабарии самаранок чораю тадбирҳо дида мешаванд. Ҷӯю заҳбурҳо тоза карда шуда, дарахтон ороиш меёбанд. Ин қабил тадбирҳо бо иштироки ҳокими ноҳия Наргиза Неъматова дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳои «Асаҷам», «Усмоншайх», «Наврӯз», инчунин, дар атрофи шоҳроҳи автомобилии «М-37», ки тавассути ноҳия гузаштааст, вусъат меёбад.

***

Дар ноҳияи Рометан низ маъракаи ниҳолшинонӣ ва сабзу хуррамгардонии атрофи қитъаҳо бо рӯҳбаландӣ сурат мегирад.

Ҷараёни корҳо бо услуби маҳаллабай мардумро ба ҳамҷиҳатӣ, меҳру оқибат водор намуда, боиси тозаю озода, ободу дилкаш, сабзу хуррам шудани маҳалли зист, гирду атроф ва кӯчаю гузарҳо мегардад. Самараи ин гуна корҳо ба дили ҳар як сокини ҳудуд фараҳ мебахшад. Чанд рӯзест, ки атрофи роҳҳо, канори киштзорҳо, ҷойҳои аз назар дур мондаи заминҳо, лаби ҷӯй ва рӯдҳоро дарахтони оянда – ниҳолҳои тут, бед, сафедор, санҷид, ток ва ғайра зеб медиҳанд.

Дар айни замон хавозакунии токҳо вусъат меёбад. Ин ҳолат хусусан дар хоҷагиҳои фермерии «Мустақимбобо замини», «Аминобод», «Ҳикматобод», атрофи киштзорҳои ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «ВСТ кластер», инчунин хоҷагиҳои фермерии «Баҳодир Тоғай», «Фирдавс, Зебуннисо, Акобир», «Файз-2000», «Кенҷабобо» ва ғайра бо ҷӯшу хурӯш ба амал меояд. Ба туфайли саъю кӯшиш ва корҳои тарғиботии ҷонишини ҳокими ноҳия оиди масъалаҳои хоҷагии об ва кишоварзӣ Аброр Раҳматов, масъулони кор, фаъолони маҳалла ва роҳбарони ҳудуд аллакай ҳазорҳо бех ниҳол шинонда шуданд.

Гӯё шиори «Бо ту, Наврӯз, ҷаҳон аз нур мунаввар гардад!» мардумро ба ҷунбиш овардааст.

«РОҲБАР ВА ҶАВОНОН»

Дар Бухоро таҳти роҳбарии сардорони секторҳо бо унвони «Роҳбар ва ҷавонон» вохӯрии ҳокими вилояти Бухоро Ботир Зарифов, сардори садорати корҳои дохилии вилояти Бухоро, полковник Мирҷамол Миралимов, сардори садорати давлатии андози вилояти Бухоро Дилшод Юлдошев, инчунин масъулони Академияи Вазорати корҳои дохилӣ бо иштироккунандагон – ҷавонони курси таълимии «Ҷавонони ватандӯсти Ӯзбекистон» ба амал омад.

Дар ҷараёни чорабинӣ масъалаву мушкилоти ҷойдошта омӯхта шуд. Аз бонк гирифтани кредитҳои имтиёзнок, кумак ба дастраскунии замин бо мақсади соҳибкорӣ, бо шуғл фарогирӣ, ёфтани кор вобаста ба мутахассисӣ, истифодабарӣ аз имтиёзҳо барои васеътар намудани фаъолияти соҳибкорӣ, ба тарзи шартӣ озодшавӣ аз ҷазои муқарраргардида аз ҷумлаи онҳо буд. Ба фавран ҳал намудани мурочиатҳо эътибори аввалиндараҷа дода шуда, оиди таклифҳое, ки омӯхтан ва вақти иловагиро мехоҳанд, чораю тадбирҳо андешида шуданд.

Ин қабил вохӯриҳо бобати ватандӯстӣ, эҳсоси дахлдорӣ ба диёр, дарки қонунҳо, омӯхтани касбу ҳунар ва забонҳои хориҷӣ, фаъолияти иҷтимоӣ дар рӯзгор ва ғайра барои ҷавонон аҳамияти ҷудогона дорад.

А. АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

ЧОРАБИНӢ ДОИР БА РУШДИ ФАРҲАНГ

Дар Агентии иттилоот ва коммуникатсияҳои оммавӣ бо ташаббуси вазорати маданият доир ба мавзӯи «Ҷамъбасти соли гузашта ва нақшаҳои соли ҷорӣ» нишасти матбуотӣ ба амал омад.

Чорабиниро вазири Вазорати фарҳанг Озодбек Назарбеков бо суханони муқаддимавӣ ҳусни ифтитоҳ бахшид.

Бояд қайд намуд, ки вазорат соли 2023 дар микёси кишвар 12 ҷашнвораву конфронси байналмилалӣ ташкил кард ва ба кишварҳои хориҷӣ 35 маротиба сафарҳои эҷодӣ анҷом дод. Дар 17202-то консерту намоишҳое, ки дар мавзеъҳои гуногуни саросари мамлакат баргузор гардид, 9 миллиону 687 ҳазор нафар ва дар 10586 спектаклҳои театрӣ 3 миллиону 203 ҳазор нафар тамошобин иштирок намуданд.

Дар давраи охири соли 2023 дар асоси иҷрои ҷоннок 110 чорабинии консертӣ баргузор гардид, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 дучанд зиёд шудааст. Илова бар ин, дар 7 вилояти ҷумҳурии мо, аз ҷумла, Андиҷон, Бухоро, Навоӣ, Намангон, Фарғона, Хоразм ва Сурхондарё чорабиниҳои «Корвони фарҳанг» дар сатҳи баланд ташкил гардида, аз ҷониби ҳунармандони шинохта ба аҳолӣ барномаҳои консертӣ пешкаш карда шуд.

Дар соҳаи кинематография низ як катор корҳои амалӣ анҷом дода шуданд, аз ҷумла, 149 филм – аз он 21-то филми бадеӣ, 73 филми ҳуҷҷатӣ, 10 филми мултипликатсионӣ, 9 сериал, 36 филми кӯтоҳметражӣ намоиш дода шуд.

Мувофиқи маълумоти мутасаддиён соли ҷорӣ дар Театри давлатии мусиқии ба номи Бердақи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон таҳти мавзӯи «Мавқеи эҷодкорони ҷавон дар рушди театр ва драматургия», моҳи феврал дар шаҳри Тошканд бо унвони «Таҷрибаи шаҳри Тошканд дар рушди самаранокии фаъолияти театрҳо» семинар-тренинг баргузор шудааст. Дар чаҳорчӯбаи ин чорабиниҳо дар дахлези бинои театрҳо лавҳа аз таърихи театр, суратҳои спектакл, либосҳои миллӣ, декоратсия, китоб ва маҷаллаҳо намоиш дода шуданд. Дар намоиши спектаклҳо наздик ба 10 ҳазор нафар тамошобин иштирок карданд.

Бахшида ба 32-солагии ташкилёбии Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва «Рӯзи ҳимоятгарони Ватан», 32-солагии ширкати миллии ҳавопаймои «Ӯзбекистон ҳаво йўллари», 8-март – Иди байналхалқии занон барномаҳои идонаи консертӣ ташкил карда шуданд ва дар онҳо санъаткорони номӣ ва хонандаҳои эстрадӣ иштирок карданд.

Дар моҳи феврал бахшида ба 583-солагии Алишер Навоӣ дар Театри калони давлатии академии ба номи Алишер Навоӣ ва дар Театри миллии академӣ-драмавии ӯзбек бахшида ба 541-солагии Заҳириддин Муҳаммад Бобур бо иштироки шоиру нависандагон, адибон ва санъаткорон шабнишинии «Назм ва наво» гузаронида шуд.

Вазорати маданият бо ҳамкории Кумита доир ба корҳои дини Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Агентии миллии «Ӯзбеккино» ба муносибати 32-солагии Маркази байналмиллалии мадании ҷумҳурӣ дар тамоми гӯшаю канори мамлакат, ҳудудҳои дурдаст ва ноҳияҳои наздисарҳадӣ бо мақсади тарғиб намудани тарзи ҳаёти солим, дӯстию ҳамдилӣ консерти хонандаҳои эстрада, намоиши филм ва театрҳои сайёр ташкил кард.

Далер АЗИЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

ТАРАННУМИ ВАТАН

Агар мардӣ, ҳимоят кун ватанро,
Бихар бо хун гуноҳи хештанро...

Ҳақ бар ҷониби шоир. «Ҳифзи ҷон воҷиб асту ҳифзи Ватан аз он воҷибтар», гуфтаанд бузургони хирад. Ҳар як падару модар шукрона мегӯяд, ки ба туфайли ҷонбозиҳои ҳимоятгарони Ватан имрӯз дар ҳар як оила, хонадони мо муҳити оромӣ ҳукмфармост. Кӯдаконамон дар гаҳвора бо «Алла»-и модар, писаракону духтаракони мо дар мактабу таълимгоҳҳо бо панду насиҳати бузургон тарбия меёбанд, ба камол мерасанд.

«Ҳамаамон, аввало ҳимоятгари Ватан, посбони осоиштагӣ ва сулҳ бояд бошем».

Ин суханони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Сарфармондеҳи Қуввахои Мусаллаҳ Шавкат Мирзиёев, ки моҳи январи соли ҷорӣ дар ҷамъомади васеи Шурои бехатарӣ гуфта шуда буд, дар дили халқамон ҷой гирифт гӯем, муболиға нахоҳад шуд.

Бо мақсади амалӣ гардондани чунин ғояи инсонпарварона дар мамлакатамон, аз ҷумла дар соҳаи ҳарбиву ватанпарварӣ низ як қатор корҳои муҳим дар амал татбиқ мегардад.

Яке аз чунин чорабиниҳои маънавию маърифатӣ дар қасри «Туркистон»-и пойтахт баргузор гардид. Ин намоиши навбатии барномаи адабиву маърифатии «Тараннуми Ватан» буд, ки бо ташаббуси роҳбари давлат ташкил гардида, дар он ватанпарварӣ, ҷасорат, мардонагӣ, ҳифзи тинҷиву осоиштагӣ, фаровонии кишвар барин фазилатҳои инсонпарварона акси ҳудро ёфтаанд.

Дар даҳлези қасри муҳташам макетҳои силоҳу техникаи ҳарбӣ, намоишгоҳи адабиёти бадеӣ ва асарҳои санъати тасвирӣ ҷой доштанд, ки барои тамошобин вазифаи муқаддамавии мавзӯро иҷро мекард.

Дар анҷуман арбобони давлатӣ ва ҷамоатӣ, вазоратҳои мудофиа, корҳои дохилӣ, вазъиятҳои фавқулода, Гвардияи миллӣ, хидматчиёни ҳарбии қӯшунҳои сарҳадии бехатарии давлатӣ, курсантҳои муассисаҳои таълими ҳарбии соҳа, намояндагони илму фан, адабиёт ва санъат, ходимони ВАО ва вакилони ҷамоатӣ иштирок карданд.

Бояд алоҳида таъкид намуд, барномаи маънавию маърифатии мазкур, ки аз ҷониби вазоратҳои мудофиа ва фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Шӯрои нависандагон, Агентии кинематография ва дигар ташкилотҳо, инчунин эҷодкорони боистеъдод ташкил карда шудааст, аз тамошоҳои одӣ тамоман фарқ дошта, бо мазмун, ғоя ва сюжет, ки дар асоси композитсияи бадеии театрикунонидашуда омода карда шудааст, диққати ҷамъомадагонро ба худ ҷалб намуд.

Ҳангоми омодагӣ ба ин барнома шеъру сурудҳое, ки дар он тараннуми Ватан, муҳаббат ва садоқат ба модар, халқу диёр акс ёфтаанд, интихоб карда шуданд, овозҳои нав, аскар ва офитсерони боистеъдод, ки қобилияти маҳорати саҳна доранд, кашф гардиданд. Баъди саҳо додани мадҳияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аскарони ҷавони хидмати ҳарбӣ ба саҳна баромаданд. Аз машқҳои аскарони ҷавон, ки дар саҳна намоиш доданд, маълум буд, ки ҷавононамон дар хидмати ҳарбӣ ҳам чисмонан ва ҳам маънан обутоб ёфта, ҳимоятгари ҳақиқии Ватан мегардад.

Дар чорабинӣ навовариҳои замонавии Қуввахои Мусаллаҳи Ӯзбекистон, ғояи неки «Халқ ва армия – яктану як ҷон», руҳияти кушодадилӣ, ҳамҷиҳатӣ ва дӯстии миллатҳо дар ҳаёти артиши миллиамон васеъ кушода дода шуд.

Шеърхонӣ ва сурудҳои хонандагони литсейи ҳарбии ба номи Ҷалолиддин Мангубердӣ ва «Темурбеклар мактаби», баромади ҷамоаҳои ҳарбӣ тамошобинонро бефарқ нагузошт.

Мисраъҳои оташбори Эркин Воҳидов, Ҳалима Худойбердиева, Ойдин Ҳоҷиева, Иброҳим Юсуфов, Саъдулло Ҳаким, Ҳосият Бобомуродова, Маҳмуд Тоир, Гавҳар Ибодуллоева ва дигаронро, ки аз ҷониби эҷодкорони ҷавон бо як ҳиссиёти ватандӯстона иҷро гардид, ҳозирон бо кафкӯбиҳо пешвоз гирифтанд.

Дар барнома фидоӣ ва ҷасурии занону духтарони мо на танҳо дар тарбияи муҳофизони Ватан, балки мардонагию ҷонбозиҳои занони ҳарбӣ, чун фарзанди қаҳрамони халқ Зебо Ғаниева низ ифодаи ҳудро ёфтааст. Зебо Ғаниева аз саҳнаи театр ихтиёрӣ ба майдони ҷанг рафта, қатори мардон ҷангид ва ҷасорату мардонагии ҳудро нишон дода сарбаландона ба Ватан баргашт.

Лаҳзаҳои ҳаяҷонбахш ва масъулиятноки қасамёди аскарон, машқҳои онҳо дар кӯҳу даман, дашту саҳро, ҷаҳидан аз парашют, машғулотҳои душвор ва мураккаб, баҳри ҳифзи сарҳадҳои Ӯзбекистони мустақил гирифтани дониши зарурии ҳарбӣ, омӯзиши технологияи иттилоотии муосир, истифода бурда тавонистан аз силоҳу техникаи замонавӣ, азҳуд кардани забонҳои хориҷӣ дар лавҳаҳо намоён шуданд. Намоиши китобҳо аз силсилаи «Тӯҳфа ба аскар» низ аз мундариҷаи барнома ҷой гирифта буд. Аз қироати шеърҳои шоирони ҷавон бо номи «Ин замин диёри алпомишҳост», иҷрои санъаткорони боистеъдод таҳти унвони «Алпомиш ба диёри худ баргашт», либосҳои ба худ хоси ҳамон давр ба ҳозирон писанд гардид.

Лавҳаи «Ҳамеша дар диламон ҳастед» ба хотираи аскароне, ки дар роҳи истиқлолияти кишвар, мудофиаи Ватан-Модар ҳангоми адо намудани қарзи мардонагии ҳуд вафот кардаанд, бахшида шуд. Изҳори дили фарзандони онҳо, ки баҳри пос доштани хотираи падаронашон соҳаи ҳарбиро интихоб намудаанд, дар қалби ҳар як тамошобин фахр, ғурур ва ҳисси ватанпарвариро боз як бори дигар бедор намуд.

Дар поёни барнома гирдиҳамомадагон намехостанд толорро тарк намоянд. Ин, бешубҳа, гувоҳӣ медиҳад, ки мақсаду ғояи барномаи «Тараннуми Ватан» ба дӯстдории ватан, ҳудшиносии мардум, ба зинда ва давомнок будани арзишҳои миллии мо ҳамоҳанг мебошад.

Чорабинии адабию маърифатии «Тараннуми Ватан» дар шаҳру ноҳия, вилоят, муассисаҳои таълимӣ, маҳаллаҳо ва Ҷумҳурии Қароқалпоқистон низ идома хоҳад ёфт.

Саодат БЕКНАЗАРОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Ёдбуд

НАВИСАНДАИ МАҲБУБ

Ҳар сол 14-уми март шогирдону мухлисони каломи бадеъ, хешу пайвандон, ёру дӯстон зодрӯзи фарзанди фарзонаи Самарқанд, Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи ҷоизаҳои ба номи Лоҳутӣ ва Симонов устод Шодон Ҳанифро дар зодгоҳаш – деҳаи хушҳавои Оҳалик ҷашн мегиранд. Агар ӯ дар қайди ҳаёт мебуд, по ба зинаи 90 -уми умр мениҳод. Вале сад дареғ, ки моҳи апрели соли 2007 бар асари садамаи нақлиёт чашм аз олами ҳастӣ пӯшид.



Қадами қатъӣ

Меҳру муҳаббат ба адабиёту санъат дар дили Шодон Ҳаниф ҳанӯз солҳои мактабхонӣ маъво гирифта буд. Пайваста китоб мутолиа мекарду аз пайи таҳлили нигоштаҳои муаллифон мешуд. Соли 1952 айёми донишҷӯйи Омӯзишгоҳи омӯзгории Самарқанд будан, ба идораи рӯзномаи ҷумҳурии «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (ҳоло «Овози тоҷик») мақола фиристод. Баъди чанд муддат аз идораи рӯзнома тавассути нома маслиҳатҳои муфид доданд.

Ҳамкорӣ бо идораи рӯзнома дар байни мардуми кӯҳистон зуд паҳн шуд. Акнун ҳама ба вай «мухбир» гӯён муроҷиат мекарданд. Вале меҳри касби романтикии геологӣ боло гирифта, вай бо ин ният ба Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишери Навоӣ ҳуҷҷатҳояшро овард. Гуфтанд, ки барои супоридани имтиҳони дохилӣ бояд ҳатман забони ӯзбекиро хуб донад.

Вай китоби грамматикаи забони ӯзбекиро харида, ба омӯхтани он пардохт. Ҳатто чанд қоидаҳояшро азёд ҳам кард. Лекин барои пурра омӯхтани китоб бисёр вақт лозим буд. Муҳлати имтиҳон бошад, наздик меомад. Аз раъяш баргашт. Хост барои таҳсил ба Тоҷикистон равад.

– Шери дадеш, – гуфт қиблагоҳаш аз нақшаи ҷиргӯшаш огоҳ гашта, – ҳамаашро дуруст фикр кардӣ? Рафтани лаклакро не, балки бозгашти онро мебинанд.

– Падари бузургвор, амри тақдир, – ҷавоб дод вай, – такя ба Худову расул мекунам.

– Ноумед шайтон, – мегӯянд даст ба дуо бардошт падар, – илоҳо, роҳат сафед бошаду корат кушоиш ёбад!

Ба қатора нишасту Тоҷикистон рафт. Ҳуҷраеро дар пойтахт иҷора гирифт. Баъди паноҳгоҳ пайдо кардан, пурсону ҷӯён роҳи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро пеш гирифт. Аз тахтаи эълон рӯйхати бисёр факултаҳоро аз назар гузаронд. Ба ӯ касби тарҷумонӣ писанд омад. Ҳуҷҷатҳояшро супорид. Дар имтиҳони қабул парвардигор ба ӯ забони гӯё ва иқбол доду номи донишҷӯйро гирифт.

Акнун ба ӯ имконияти хушбахтонаи вохӯрӣ бо кормандони идораҳои рӯзномаю мачаллаҳо пайдо шуда буд. Вай, баробари таҳсил, ба кори эҷодӣ даст зад. Бо маслиҳати ходимони матбуот асарҳои адибони русро ба тоҷикӣ баргардонд. Рӯзе аввалин ҳикояи лирикии худро ба идораи рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» овард. Нависанда ва шоири номдор, инсони хоксору дурендаш Аминҷон Шукӯҳӣ баъди бо иншои ҷавони самарқандӣ шинос шудан, гапро аз таъриф оғоз намуд.

– Мавзӯи ҳикоя бад нест, – гуфт вай, – аммо ба шумо, додарҷон, лозим аст, ки захираи луғавии худро ғанӣ гардонда, асарҳои адибони номдорро мутолиа намоед. Чуноне ки мегӯянд, дар тинати шумо чизе ҳаст, фақат онро сайқал додан зарур.

Бояд гуфт, ки ҳикояи аввалини ӯ бо таҳрири Аминҷон Шукӯҳӣ рӯйи чопро дида буд. Адиби ҷавон аз чунин муваффақият рӯҳбаланд гардида, тамоман ба эҷодиёт дода шуд. Акнун дар дигар газетаву журналҳо низ лавҳа, ҳикояҳои бачагона, репортажҳои шавқовар, мусоҳибаҳои дилчасп, очеркҳои проблемавӣ, фелетонҳои нишонраси вай интишор мегардиданд. Ин буд, ки баъди хатми донишгоҳ ӯро ба идораи рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» ҳамчун ходими адабӣ ба кор қабул карданд. Дар деги калони журналистика пухт. Аз устодони меҳрубону ғамхор Ҷалол Икромӣ, Аминҷон Шукӯҳӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Мутеулло Наҷмиддинов ва дигарон асрори ин касбро омӯхт. Аз ҳама муҳимаш, пайваста эҷод намуда, як силсила китобҳоро ба ҳукми хонандагон ҳавола кард.

Китоби аввалинаш бо номи «Майна» (соли 1968) ба табъ расид. Пас аз он асарҳояш таҳти унвони «Қаҳрамони Вахш» (1968), «Вохӯрӣ» (1974), «Кӯҳ ҳам ба кӯҳ мерасад» (1976), қиссаи «Пайроҳаи оҳугузар» (1975), романҳои «Ҷон ба гарав» (1982), «Дил ба ёдгор» (1990), «Укоби захмин» (1994), «Хунбаҳо» (1995), «Розҳои Шаҳнон» (2003), «Дар паноҳи Ҳиндукуш» (2004), «Меъмори Вахдат» (2004 бо ҳамкаламии Султон Мирзошоев) ва чанде дигар чоп шудааанд.

Вохӯрии тақдирсоз

Соли 1988 бо талоши равшанфикрон як сахифаи рӯзномаи «Шарқ тонги» (ҳоло «Гулобод тонги») ба тоҷикӣ табдил ёфт ва муаллифи ин сатрҳоро масъули он таъин карданд. Боиси хушнудист, ки мавҷи таблиқот авҷ гирифт. Адибони самарқандӣ – Адаш Истад, Раззоқ Гаффоров, Маннон Розиқов, Шодон Ҳаниф ва дигарон ҳар гоҳ ба зодгоҳ оянд, албатта, ба идораи мо сар халонда бастаҳои рӯзномаро варақ зада, маслиҳатҳои муфид медоданд. Вохӯрии мо бо устод Шодон Ҳаниф хеле аҷиб буд. Мо – масъулони саҳифа саргарми кор будем, ки муҳаррир Насриддин Зайниев (рӯҳашон шод бод!) бо як марди қадбаланду фарохсина, ки сару либосаш ба худаш мезебиду мӯйи мошу биринҷи ба боло шоназада дошт, ба утоқи кориамон ворид шуд.

Муҳаррир акнун мехост меҳмонро муаррифӣ кунад, вале ӯ гӯё бо моён ошнои дерина бошад, аз паси айнакаш меҳрубонона нигариста ва бо чеҳраи кушод самимона вохӯрӣ карду гуфт:

– Монда набошед, шербачаҳо!

– Шодиҷон, – ана ин кас Зоҳир Ҳасанзода, хӯш, ана инашон Раҳим Мавлонӣ, ана вай духтарак Нигораи Ислом.

– Нағз, нағз, – гӯён ӯ ба курсии пешкашшуда нишаст ва бастаҳои рӯзномаро саросема як-як варақ зад. Котиба чаққон чой ва ширинӣ овард. Суҳбати мо дар атрофи як пиёла чой қӯр гирифт. Адиб ва рӯзноманигор барои пешрафти кори мо маслиҳатҳои муфид дод. Сипас вай ҳар гоҳ аз Душанбешаҳр ба Самарқанд ояд, албатта, меҳмони олиқадри рӯзнома мегардид. Бо таклифи ӯ ду рӯз ба кӯҳсор сафари эҷодӣ кардем, ки барои қиссаи «Меҳробод»-и ман асос гардид.

Воқеан, пас аз сафари кӯҳсор ӯ қиссаи тарҷумаҳолии «Розҳои Шаҳнон»-ро эҷод кард, ки доир ба бачагӣ, душвориҳои солҳои ҷанги дуюми ҷаҳон ва чеҳраи баъзе шахсони дилозор, худписанду худбинро устокорона офарид. Устод инчунин завқи баланди шеъргӯӣ ва сурудхонӣ дошт. Ҳоло ҳофизони оҳаликӣ шеъри «Самарқанд»-и ӯро ичро мекунанду аммо муаллифашро намегӯянд, ки тааҷҷубовар аст.

– Шогирд, ҳар боре, ки ман қадам ба зодгоҳ мегузорам, ҳиссиёти аҷибе вуҷудамро фаро мегирад, – бо лабханди базебаш мегуфт ӯ, – аз ҳама муҳимаш, ифтихорам аз «дари бахту умедам – Оҳалики зебоманзар» афзуда курта-курта гӯшт мегирам. Як дафъа бо чанд нафар шоиру нависандагони тоҷик ба Оҳалик омадем, онҳо ба ваҷд омада, хотироту шеърҳои аҷибе иншо карданд.

Сухане бар сухане зам шавад…

Суҳбати мо бо устоди нуктасанҷ Шодон Ҳаниф доир ба адабиёт, асарҳои нав, вазифаи нависанда ҳамеша қаймоқ мебаст. Боре бо журналист ва адибони ҷавон Озод Ҳамидзода, Шуҳрати Ҳусейн, Раҳим Мавлонӣ меҳмони хонадони ӯ шудем. Он бегоҳ шаби маҳтобии Шаҳнондара – Оҳалик таровати хосса дошт. Мо ҳам шоҳмот мебозидем, ҳам саволу ҷавоб мекардем.

– Ман дар тӯли эҷодиёти беш аз 50-сола аз адибони номдори тоҷик бисёр чизҳоро омӯхтам. Ба яке аз онҳо – ҳамдиёрам, устоди сахтгир, вале меҳрубон, нависандаи қолабшикану тозанигор Фазлиддин Муҳаммадиев даъвои шогирдӣ дорам, – бо фахр иброз медошт Шодон Ҳаниф. – Суханони ӯ: «Фақат асаре, ки бо хуни ҷигар эҷод шудааст, ба дили кас роҳ меёбад ва дар лавҳи хотираш нақш мебандад», меъёр, андозаи эҷодиёти man шуд.

Медонед, дар сари мизи кориам шамъдони мунаққаши биринҷӣ меистад, ки он ёдгор аз устоди арҷмандам, инсони фозил ва рангинсухан Фазлиддин Муҳаммадиев мебошад.

Маслиҳату насиҳати man ба шумоён – шогирдон ин аст, ки такрор ба такрор натанҳо асарҳои Фазлиддин Муҳаммадиев, инчунин устодон Садриддин Айнӣ, Ҳаким Карим, Сотим Улуғзода, Пӯлод Толис, Ҷалол Икромиро мутолиа намоед ва албатта аз ганҷинаҳои адабиёти ҷаҳон баҳра баред, – хулоса намуд ӯ. – Ана баъд навиштан ва боз навиштан лозим, ҳарчанд гуфтаанд, ки «сухане бар сухане зам шавад, қатрае аз хуни ҷигар кам шавад».

Пешниҳоди бамавриди амини деҳа

Баъди фалокат дар роҳи Хоҷа Оби Гарм устод Шодон Ҳаниф дар шифохона табобат меёфт ва аз меҳрубонии ҳамсари вафодораш Сайёра Нуруллоева, гулдухтаронаш Сурайё, Рухсора, Фарзона, Мунаввара, домоду ҷиянҳояш, парастории ҷарроҳон умед дошт, ки сиҳат шуда ба зодгоҳ омада, бо эҷод машғул мешавад. Чӣ ҷойи руст кардан аст, он солҳо муносибати Ӯзбекистону Тоҷикистон коҳиш ёфта, ба Душанбешаҳр рафтан мушкил буд. Бинобар ҳамин, вақте тавассути телефон ҳолпурсӣ мекардам, вай илтиҷоомез мефаҳмонд, ки илоҷаш бошад ҷасадашро дар хоки Самарқанд монанд.

Афсӯс, васияти вопасини ӯ амалӣ нашуд. Аввало бо сад азоб додараш Нурмуҳаммад Ҳанифов аз сарҳад гузашт. Ҳукумати Тоҷикистон ва Иттифоқи нависандагон ҷасади ӯро дар қабристони Лучоб, дар шафати алломаҳо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Муҳаммадиев, Малика Собирова ва дигарон гузоштанд.

Ба муносибати 75-солагии устод дар зодгоҳаш, саҳеҳтараш дар кулбаи хоксоронааш нимпайкараи ӯро, ки ҷиянҳои ҳайкалтароши адиб Бокир ва Зоҳир офаридааанд, бо тантана гузоштанд.

Адибони шинохтаи Самарқанд, шогирдону дӯстони соҳибҷашн ба сухан баромада, ёди неки Шодон Ҳанифро карданд. Амини деҳа Ашӯрбой Шоҳмаксудов пешниҳод кард, ки яке аз кӯчаҳои марказии ноҳияи Самарқанд ё деҳаи Шаҳнондара – Оҳалик ба номи ӯ гузошта шавад.

Афсӯс, ҳарчанд аз байн 15 харбузапазӣ гузашта бошад ҳам, пешниҳоди холисонаи амини деҳа амалӣ нагардидааст. Умедворем, ки ин масъала ҳалли худро меёбад.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
узви Иттиҳодияи нависандагони Ӯзбекистон.

ҶАШНИ САНЪАТКОР

Сарояндаи сурудҳои классикӣ, мардумӣ, оҳангсоз ва шоир, Ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, профессор Аҳмадҷон Шукуров 75-сола шуд. Ба ин муносибат ба қарибӣ дар Донишкадаи давлатии санъат ва маданияти Тошканд таҳти унвони «Дидор-ширин» гирдиҳамоии фарҳангӣ баргузор шуд! Дар он санъаткорон, кормандони соҳаи маданият, устод-профессорон ва донишҷӯён иштирок карданд.

Намояндагони Вазорати фарҳанг, директори Маркази мақоми ҷумҳурӣ Соҳибҷон Бегматов, ректори Донишкадаи давлатии санъат ва маданияти Тошканд Элдор Шерманов, ки А. Шукуров профессори кафедраи сурудхонии миллии он аст, ҳофизону ҳамкасбон шоирону журналистон дар бораи фаъолияти бештар аз нимасраи ҳунарманд ҳарф зада, бо суруду таронаҳои дилкаш ба тадбир шукӯҳ бахшиданд. Шогирдони санъаткор аз эҷодиёти ӯ намунаҳо ичро карданд. Хусусан, ҳунарнамоии Артисти халқии Ӯзбекистон ва Қароқалпоқистон Хайрулло Лутфуллоев, ҳофизони мардумӣ Оролмирзо Сафаров, Соҳибҷон Ниёзов, артисти шоиста Аҳмадҷон Дадаев, дастаи ҳунарии «Мавригӣ»-и вилояти Бухоро ва ғайра ба ҳозирон писанд омад.

Бояд таъкид намуд, ки Аҳмадҷон Шукуров солҳои тӯлонӣ ҳамчун сарояндаи ансамбли рақсии «Баҳор», роҳбари бадеии дастаи ҳунарии «Зарафшон», директори Театри драмаи мусиқӣ ва мазҳакаи вилояти Бухоро ба номи С. Айнӣ ва ғайра фаъолият нишон додааст. Вай муаллифи филми «Ота Ҷалоли ҳофиз» ва намоишномаи «Маликаи Бухорхудот», инчунин оҳангу сурудҳои пурҷозиба мебошад. Ҳоло бештар аз 50 суруди ичрокардаи ӯ дар фонди радиои ҷумҳурӣ маҳфуз аст.

Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Бухоро.

Пажӯҳиш

ДУ МАҒЗИ ЯК БОДОМ

Аз осори поягузори адабиёти форс-тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ тавассути маъхазҳои гуногун беш аз ҳазор байт то ба мо расидааст. Бо вуҷуди ин, дар маъхазҳо баъзе байтҳо гоҳ ба номи Рӯдакиву гоҳ ба номи дигар шоирон омадааанд, ки чунин ҳолат боиси душвориҳо дар таҳия кардани осори боқимондаи Рӯдакӣ мегардад. Ин аст, ки осори Рӯдакӣ дар нашрияҳои Тоҷикистон даҳҳо маротиба чоп шуда бошад ҳам, онҳо аз ҳамдигар фарқи куллӣ доранд. Зеро дар таҳияи ҳар як нашр баъзе байтҳо бо овардани далелҳо аз чоп хориҷ шуда бошанд ҳам, чанд байти дигар бидуни таҳқиқи илмӣ ба маҷмӯаҳои ашъори Рӯдакӣ дохил карда шудааанд, ки байти зерин аз ҳамин қабил аст:

Агар паҳлавонӣ надонӣ забон,
Варазрӯдро Мовароуннаҳр дон.

Аз маъхазҳо ин байтро, ки минбаъд бо номи «байти Варазрӯд» меояд, фақат Асадии Тӯсӣ (асри XI) дар «Луғати фурс»-и худ ба Фирдавсӣ мансуб шуморида бошад ҳам, дар нусхаҳои «Шоҳнома»-и ба мо дастрасшуда вуҷуд надорад. Дар ҳамаи маъхазҳои баъди асри XI ба Рӯдакӣ нисбат дода шудааст. Бинобар ин, дар ҳамаи нашрияҳои Тоҷикистон ва берун аз он байти зикрёфта то ҳол ба Рӯдакӣ нисбат дода мешавад. Пас, ин байт дар асл ба кадом шоир тааллуқ дорад?

Маълум аст, ки дар асри VII милодӣ мамолики Шарқро истило кардани арабҳо боиси ба таркиби луғавии забони паҳлавӣ (форсии миёна) дохил шудани бисёр калимаҳои арабӣ гардид. Дар баробари ин, мувофиқи ахбори сарчашмаҳо дар қаламрави Сомониён забони модарии бисёр шоирон форсӣ бошад ҳам, онҳо бо забони арабӣ шеър эҷод мекарданд. Чунин шоирони «забонгумкарда»-ро мазаммат карда, нисбати онҳо ба тарзи киноя «Агар забони худро гум карда бошӣ, Варазрӯди форсиро Мовароуннаҳри арабӣ дон» гуфтан дар асл ба Рӯдакӣ вобастагӣ надорад. Зеро Рӯдакӣ ба талаботи замонаи худ риоя карда, забони тозӣ (арабӣ)-ро баробари забони порсӣ (форсӣ) мешуморид, ки байти зерини ӯ («Девони Рӯдакӣ», Душанбе – 2015, саҳ.84) далели ин фикр аст:

Тозиву порсӣ ҳама наздики мо якест,
Наздики ӯ гиромӣ парҳезгортар.

Аз ин байт, хусусан, тавассути ҷонишинҳои шахсии «мо» (Рӯдакӣ) ва «ӯ» (шахси ғоиб) фаҳмидан душвор нест, ки Рӯдакӣ мисли баъзе шоирони дигар ба «омехта» шудани забонҳои форсию арабӣ зид набуд.

Дар адабиёти форс-тоҷик то ҳол шоире нест, ки мисли Фирдавсӣ аз истифодаи калимаҳои арабӣ «парҳез» карда бошад.

Масалан, Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» бо забони худ калимаҳои «офтоб, хуршед, хур, гетифирӯз, шед ва меҳр»-ро чун синонимҳои ҳамдигар 868 маротиба оварда бошад, ҳаммаънои онҳо калимаи арабии «шамс»-ро як маротиба ҳам истифода набурдааст. Вале чунин гуфтор маънои онро надорад, ки «Шоҳнома» аз калимаҳои арабӣ пурра холӣ бошад.

(Давомаш дар саҳ.4).

«ОВОЗИ ТОҶИК»: 100 СОЛИ ПУРШАРАФ

ЁДИ ЁДҲО

(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).

Аз очерке, ки баъдтар дар бораашон навишта будам, аз ин, ки ба меҳмонии «кулбаи шоир» фурсат наёфта, «ваъда ба вақти дигар» медодам, маҳзун буданд, худораҳматӣ. Одамӣ – шири хомхӯрда. Он вақт кучо медонистам, ки ман чанд сол ба Афғонистон мераваму дидор ба қиёмат мемонад.

Соли 1974 ёди устод Васфӣ ва Ҳоҷиқурбон ҳам танҳо дар хотираи ёрону акрабо ва ҳамкорашон зинда буд…

Рӯзномаҳо, билхосса «Овози тоҷик», оинаи замон, хотира аз давр, ёдгор аз одамон аст. «Овози тоҷик» аввалан, дар солҳои таъсисаш – **1924**, сониян дар соли 1950, баъди таваққуфи даҳсолаи иҷборӣ, сонитар дар арафаи 80-солагиаш ба имтиҳони ҳаёт рӯ ба рӯ шудааст. Дар бораи мушкилоти солҳои аввали таъсис, мураккабии ҳаёти сиёсӣ, барҳӯрди афкор, таҳъиду тазъйиқи баъзе аз ходимон (умуман озодандешон) дар ибтидо, иҷмолан сухан рафт. Мушкилоти солҳои ахир, тавре ба ҳама маълум, мавзӯи иқтисод аст, ки дар давраи гузариш ин ногузир, зеро акнун на бо роҳи амру фармон, балки таври озод, бо усули иқтисоди бозорӣ кор пеш бурдан рост омад, ки аҳли идораи «Овози тоҷик» ба ин чандон омода набуд. Аз ин рӯ, дар охири соли 2003 адади нашр ба ҳафтсад нусха фаромада буд. Боз ҳам ба шарофати дастгирии Ҳукумати Ӯзбекистон «Овози тоҷик» ба табъу нашр идома бахшид.

Мушкилоти солҳои 50, барқарор шудани «Овози тоҷик» бо номи «Ӯзбекистони сурх», асосан аз норасоии кадрҳои журналистӣ будааст. Тавре ки шоҳидон шаҳодат медиҳанд, бо саъю кӯшиши муҳаррирони вақт ин камбудӣ бартараф шуда, рӯзнома бо номи «Ӯзбекистони сурх», ки он замон ҷомеа рамзи «сурх» дошт, аз нав мавқеъ ва симои худро дар ҷомеа барқарор кард. Он солҳо муҳаррир ба донишгоҳҳо рафта, аз байни донишҷӯён кадр мекофт, бо илтимосу илтиҷо ба кор даъват мекард… Маҳз дар ҳамон солҳо Муҳаммадҷон Мухторов, Муҳсин Умаров, И. Очилдиев, А. Исҳоқбоев, Марям Нозимова, Тоҳир Олимбоев, Турсунбой Раҳимҷонов, Шавкат Ниёзов, баъди онҳо боз гурӯҳи дигар ба кори рӯзнома пайвастанд, ки аз байни ҳамаи онҳо бо хислатҳои начибонаи парастиши забон, дониш, одоб, одамшиносӣ рӯзгори шодравон Ҳоҷиқурбон Ҳамидзода бароям намунаи ибрат шудааст.

Бар замми ин, ки хушқалам буд, фазилати начибе дошт, ки имрӯз ноёб шудааст. Аз вай ёрии бетамаъ ва маслиҳати беғараз бисёр дидаем.

ЖУРНАЛИСТИ ХУБ, ОДАМИ НЕК (БА ЁДИ ҲОҲИҚУРБОН ҲАМИДЗОДА)

Ба касофати ҷанге, ки аз соли 1941 то 1945 тӯл кашид, дар соли 1963 аз курси сеюми факултети таъриху филологияи Институти педагогии Хуҷанд маро ба аскарӣ гирифтанд. Гап дар он, ки то ин вақт аз шуъбаҳои рӯзонаи институтҳо аскаргирӣ набуд. Гуфтанд, ки солҳои ҷанг мардҳо дар фронт будааанду писарҳо кам ба дунё омадааанд, баъди 18 сол армияи советӣ пур нашуда мондааст…

Аз он афсӯс нахӯрдам, чунки одаму олам дидан, аз имтиҳони мусофирӣ гузаштан, худ як дорулфунун будааст. Бе муҳобот ҷаҳонбиниам васеъ гардид. Ҳанӯз хидмат поён наёфта, ният кардам, ки баъди аскарӣ давоми таҳсилам бояд дар шуъбаи шарқшиносӣ сурат гирад. Чунки аллакай ба Афғонистон ҷавонони хату саводи арабӣ доштаро ба кори тарҷумонӣ мефиристоданд. Ман бошам, кайҳо бо ин хат ошно, онро хондаву навишта метавонистам.

Соли 1966 хидмат тамом шуд. Аз институти Хуҷанд бо як азобе ҳуҷҷатҳоямро гирифтам. Чунки устод Темур Мақсудов – проректор, ки ба ман солҳои 1961-63 дарс додааанд, монеъ шуда талаб мекарданд, ки аз Хуҷанд наравам. Бо ҳамон сарулибоси аскариам рост ба Тошканд омадам. Бо пурсучӯ Институти шарқшиносиро ёфта, арзи матлаб кардам, аз имтиҳони шифоҳӣ бомуваффақият гузаштам. Гуфтанд, ки рӯзи дигар бо ариза бояд оям. Вале рӯзи дигар ба «гӯсола чаппа омад», «забону адабиёти ӯзбекӣ нахондаед, намешавад» гуфтанд, тарбуз аз бағал афтид. Як шаб дар болои хараки ҳавлии вокзал «хоб» карда, рӯзи дигар «таваккал ба Худо» гуфта ба Институти забон ва адабиёти рус рафта, бо ректорааш профессор Ҳисом Ғуломов дар мулоқот шуда, бо маслиҳати ин марди бо ман ноошно, роҳ ба Самарқанд гирифта, хурсанд аз он будам, ки агар дар Самарқанд қабул нашавам, дари Институти русии Тошканд ба рӯям кушода аст.

Аз рӯйи нақли Ҳ. Ғуломов он ҷо курсҳои кӯтоҳмуддати забони форсӣ будааст. Дар ин донишгоҳ замоне Устод Айнӣ дарс додааанду Шароф Рашидов хонда буд, бароям арши аъло менамуд.

Дар охири хиёбони ба номи Горкий, факултети филологияи тоҷику ӯзбекро ёфта, чанд бор аз ошёна ба ошёна баромада фаромадам. Дар ошёнаи дуюм суратҳои калони Шароф Рашидов ва дигар раҳбарони ҳукумат, шоиру адибон аз як тараф, аз тарафи дигар духтаракону ҷавонони хушлибоси донишгоҳ, чашми маро мебурданд. Аммо сару либоси аскарӣ, магар диққати дигаронро бештар мекашид, ки аз байни ин издиҳом як ҷавонмарди миёнаҳад, ки сараш нисбати ҷисмаш калонтар менамуд, китфҳояшро ба навбат пасу пеш карда, ба ман наздик омад. Мӯйи сар, чашму абрӯйи сип-сиёҳаш симои сафедгунаро ҷаззоб нишон медод. Чашмони уқобонаи ӯ ба ман дӯхта шуданд. Ба ман даст дароз карда пурсид: «Бародар, ба шумо кӣ даркор?» Худро шиносонда, мақсадамро гуфтам. Ӯ маро аз зери дастам гирифта, ба қабулгоҳи декани факултет раҳнамоӣ кард. Ӯ бо котиба Наталя Андреевна пурсупоси гарм карда, гуфт, ки ба қабули Раҳим Рачабович омадаем. Аз афташ мачлис буд, дӯсти ҳанӯз ба ман ношинос ба нишастан таклиф карду аз пахлуям ҷой гирифт. Дар қабулгоҳ суҳбати мо аз таърих, доираҳои адабии Самарқанд, Ӯротеппа, забон ниҳоят самимона буд. Тавре сонитар фаҳмидам, ҳамин суҳбат ба ман «тақдирчунбон» шудааст…

Фурсате фаро расид, ки аз деканат ҳама баромаданд. Роҳбалади ношинос дареро, ки «декани факултет Р. Р. Муқимов» навиштагӣ буд, кушод. Ҳар ду дохили хона шудем.

– Домулло, ин сержанти ӯротеппагиро аз Пединститути Хуҷанд «перевод» карда гирифтан даркор. Бинед, либосаш ҳам ба худаш зебидагӣ, аълохон, – гуфта китобчаи баҳогузории студентиамро ба устод дароз карда, «мо бо ин кас ошнои дерина», – гуфт.

– Майлаш, Мулло Ҳоҷӣ, магар гапи ходими обкомро ду кардан мумкин? – ҳазломез гуфтанд Раҳим Рачабович Муқимов.

Ҳамин тавр, ризоияти ректор Воҳид Абдуллоев ҳам ба даст омад. Ёрии бетамаъ ва беғарази собиқ корманди «Овози тоҷик» маро ба мақсад расонд.

«БИЁ, ЭЙ АШК, ТО БАР РӮЗГОРИ ХЕШТАН ГИРЯМ»

Соли 1974, тобистон буд. Он рӯз хабари марги фоҷиавӣ ва нобаҳангоми Ҳоҷиқурбон Ҳамидзода аз Самарқанд ба Тошканд мисли барқ расид. Сармуҳаррир (Шавкат Ниёзов) гӯё чизи аз ҳама пурарзишеро аз даст дода бошад, ниҳоят безобита буд. Дарҳол сари ҷилави мошин нишастам. Ҳамкорамон – Ҳомидака Қиличев низ ба мошин савор шуданд. Ҳанӯз бовар намекардем, ки ин ҷавони дарёдил, ки ҳанӯз аз сад гулаш яке нашкуфта, аз олам гузашта бошад. Вай рӯзноманигори оташсухан буд, ҳамеша бо самимият ба чашми кас нигоҳ карда сухан мегуфт. Чакидаҳои хомаи ӯ дар рӯйи коғаз, ҳар кадоме гӯйӣ китобе буданд. Китобе дар ишқи ватан, бо меҳри миллат ва забони ӯ саршор… Тавре ки дар донишгоҳ низ ба дигар забон таълим гирифтааст, аз илму адаби халҳои дигар бисёр мехонду медонист. Лек навиштаҳояш ҳамеша ҳамовози «Овози тоҷик», дархури тоҷикон буданд. Китобаш набаромада, ӯро дар вилояти Самарқанд ба раёсати Иттиҳоди адибон пазируфта буданд. Ӯ дар байни адибон «файласуф» ном дошт.

Сухану навиштаҳояш сар то по бо далел, аммо содаву фаҳмо буданд. Мақолааш «Лаҳчаи тоҷикони воҳаи Фарғона» таассуроти калон гузошта буд, ба ману шарикдарсон. Фурсате бе мутолиа набуд. Ҳамеша дар пайи хонишу дониш, фарогирии илм буд. Ҷиддан ба навиштан омодагӣ мегирифт. Афсус, дарахти сабзи қалами ӯ барвақт хазон шуд… Ӯ дар роҳи иттиҳоду ваҳдати миллат ҷоннисоре буд. Чунин менамуд, ки гӯё ҳасудон ӯро ҳангоми ҷамъоварии маводи лозима нагузоштанд, ки «таоме» лазизу хушхӯр ва пуриқтидор тайёр намояд. Баски донишманд буд, пеши роҳи суханаш гирифтан наметавонистанд. Бо амри тасодуф дар фалокате тани ӯ беҷон, қаламаш бесоҳиб монд.

… Он рӯз дар роҳи байни шаҳри Самарқанд то аэропорт қариб, ки мошин намегашт. Шаҳр ба по хеста, барои видоъ бо як тан аз шаҳрванди худ села-села меомад. Мо низ ба ин селаи мотамзадагон бипайвастем. Базӯр худро то бинои Институти тадқиқоти илмии археология ва таърихи Самарқанд, ки дар гузари Ҳоҷиқурбон Ҳамидзода аст, расонидем.

…Тани беҷони Ҳоҷиқурбон Ҳамидзодаи зиндаёд он рӯз дар толори ин бинои муҳташам дар тобут, ҳанӯз барои видоъ рӯкушода буд… Ҳатто он лаҳза ҳам мехостам охирин ҳарфе аз ин донишманд бишнавам… Шунидам. Ҳамроҳонам ба ин шоҳиданд. Гирди тобут гурӯҳи созандагони ҳунарманд дар дастҳо рубобу ғиҷҷаку тор дар наво буданд. Оҳанги мотам сар ба фалак мепечид…

Бори аввал дар азо мусиқӣ мешунидам. Чунин будааст васият ва сухани охирини ин ҷавонмарги сухан, ки румишинос буд ва аз таърихи ҷанозаи Ҷалолиддини Румии Балхӣ, ки ҳама гаҳру мусулмон, дастзанону пойкӯбон рақсида, то сари гӯр рафтаанд. Дар ҷанозаи Ҳоҷиқурбон оҳанги мотам ин ғазали Ҳазрати Ҷомӣ – «Гиря»-ро ба ёд меовард, ки гуфтааст:

«Биё, эй ашк, то бар рӯзгори хештан гирям»…

(Давом дорад).

Маъруф ОТАХОНЗОДА,
Журналисти шоистаи Ӯзбекистон.

Лоиқ ШЕРАЛӢ,
Шоири халқии Тоҷикистон

ШУКР ҒӮЯМ

Ба баҳори нав расидам, зи баҳор шукр ғӯям,
Ба нигори нав расидам, зи нигор шукр ғӯям.
Зи хумори ишқ шодам, ки дили маро ҷавон кард,
Ба хумори дил расидам, зи хумор шукр ғӯям.
Зи шарори хандаи гул ба дилам шарора афтод,
Ба дили шороборам зи шарор шукр ғӯям.
Ғазали ҳазор бошад зи ҳазор ҷилваи гул,
Зи ҳазор нағмаи ӯ ду ҳазор шукр ғӯям.
Чу баҳор гул фишонад, ба баҳори нав расонад,
Зи барои ризқи мардум зи барор шукр ғӯям.
Чу шавад шукуфаборон ба сару ба дӯши ёрон,
Зи хазон кунам фаромӯш, зи баҳор шукр ғӯям.

БАРХЕЗ,БАҲОР ОМАД!

Эй булбули шӯрида, барҳез, баҳор омад,
Эй нури дилу дида, барҳез, баҳор омад.
Эй лолаи хуниндил, аз хоби гарон барҳез,
Чун мавҷ хурӯшида, барҳез, баҳор омад.
Тундар ба фиғон омад, шӯре ба миён омад,
Эй олами хобида, барҳез, баҳор омад.
Шуд сабз замин то арш, об аз рухи гул шорид,
Эй барги хазондида, барҳез, баҳор омад
Хуршеди ҷаҳонафрӯз чодар зи рухаш афканд,
Эй олами фарсуда, барҳез, баҳор омад.
Ҳар рӯзи зимистонам пур гашт зи афғонам,
Эй қалб, биҷӯшида барҳез, баҳор омад.
Гулбонг зи нав сар кун, ғӯши фалакат кар кун,
Эй мурғи қафасдида, барҳез, баҳор омад,

Ӯғилой ҶӮРАБОЕВА,
ноҳияи Узуни
вилояти Сурхондарё.

ИШҚ ВА ИЗДИВОҶ

Шогирде аз устодаш пурсид:
— Ишқ чист?
Устод дар ҷавоб гуфт:
— Ба гандумзор бирав ва пурхӯшатарин шохаро биёвар, аммо ҳангоми убур аз гандумзор, ба ёд дошта бош, ки наметавонӣ ба ақиб баргардӣ то хӯшае бичинӣ.
Шогирд ба гандумзор рафт ва пас аз муддати тӯлонӣ баргашт.
Устод пурсид:
— Чӣ овардӣ?
Бо ҳасрат ҷавоб дод:
— Ҳеч! Ҳарчӣ дарунтар мерафтам, хӯшаҳои пурпушттар медидам ва ба умеди пайдо кардани пурпушттарин, то интиҳои гандумзор рафтам.
Устод гуфт:
— Ишқ, яъне ҳамин аст. . .
Шогирд пурсид:
— Пас издивоҷ чист?
Устод ба сухан омад, ки:
— Ба ҷангал бирав ва баландтарин дарахтро биёвар, аммо ба ёд дошта бош, ки боз ҳам наметавонӣ ба ақиб баргардӣ!
Шогирд рафту пас аз муддати кӯтоҳе бо дарахте баргашт.
Устод пурсид, ки шогирдро чӣ шуд ва ӯ дар ҷавоб гуфт:
— Ба ҷангал рафтам ва аввалин дарахти баландеро, ки дидам, интихоб кардам. Тарсидам, ки агар дарунтар биравам, боз ҳам дасти холӣ баргардам.
Устод гуфт:
— Издивоҷ, яъне ҳамин аст.

Таҳияи **А. КОМРОН.**

ДУ МАҒЗИ ЯК БОДОМ

⇦ (Аввалаш дар саҳ.3).

Зеро талаботи вазну қофия ва хусусан санъати киноя Фирдавсиро гоҳо маҷбур кардааст, ки аз калимаҳои арабӣ (ҳамагӣ 706 калима) «ноилоҷ» истифода барад. Масалан, бо назардошти истилои арабҳоро нахостан, ҳангоми ба калимаи форсии «тахт» муқобил гузоштани калимаи арабии «минбар» Фирдавсӣ маҷбур шудааст, ки аз номҳои арабии Абубакру Умар чунин истифода барад:

Чу бо тахт минбар баробар шавад,
Ҳама ном Бубакру Уммар шавад.

Азбаски Фирдавсӣ ба ҷойи «тахт»-и форсӣ омадани «минбар»-и арабиро намехост, дар байти зикрёфта ба тарзи киноя оварда шудани номҳои аввалин хулафои араб Абубакр (570-634) ва Умар (582-644) гувоҳӣ медиҳад, ки шоир тарафдори арабӣ шудани «ҳама ном» (аз ҷумла Мовароуннаҳр шудани Варазрӯд) нест.

Мураттибони «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (ҷилди 2, саҳ. 492) ба шарҳи калимаи «хондан» аз як нусхаи «Шоҳнома» байти зеринро овардаанд, ки он ҳамовози «байти Варазрӯд» аст:

Чунин хондандаш ҳаме пештар,
Ки хонӣ кунун Мовароуннаҳр.

Аз худи тарзи баён ҳам маълум мешавад, ки ин байт аз они Фирдавсӣ нест. Охир, шоире навқалам бошад ҳам ҳиҷои «тар»-ро бо «наҳр» қофия намекунад. Аз ин рӯ ҳаҷ бар ҷониби Е. Э. Бертелс аст, ки дар асрҳои миёна нусхабардорон тақлидкорона бисёр байтҳои «бенамак»-и худро ба «Шоҳнома» илова кардаанд, ки байти зикрёфта аз ҳамин қабил аст. Мақсад аз ин гуфтор он аст, ки агар «байти Варазрӯд» аз они Рӯдакӣ мебуд, нусхабардорон «тақлид»-и худро ҳаргиз ба «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ илова намекарданд. Бинобар ин, «байти Варазрӯд»-ро ба Фирдавсӣ нисбат додани Асадии Тӯсӣ саҳве надорад.

Зеро аз як тараф қадимтарин нусхаи «Шоҳнома»-и ба мо дастрасшуда соли 1276 бошад, Асадӣ 200 сол қабл аз ин маълумот додааст. Аз тарафи дигар Асадӣ дар «Луғати фурс» бисёр байтҳои Рӯдакиро овардааст ва ҳатто дар як қасидаи худ 180 ҳазор байт ашъори ӯро қайд кардааст, ки ин ба эҷодиёти Рӯдакӣ таваҷҷуҳи махсус доштани Асадиро нишон медиҳад. Дар чунин ҳолат агар байт аз Рӯдакӣ мебуд, Асадӣ ҳаргиз онро ба Фирдавсӣ нисбат намедод. Пас, чаро «байти Варазрӯд» дар ҳеч кадом нусхаи «Шоҳнома»-и ба мо дастрасшуда вуҷуд надорад?

Маълум аст, ки дар асрҳои миёна китобҳо фақат тавассути дастхат нусхабардорӣ карда мешуданд. Табиист, ки ҳангоми чунин амал аз «Шоҳнома» барин асарҳои калонҳаҷм баъзе байтҳо нонавишта ҳам мемонд ва ин боиси дар нусхаҳои минбаъда тамоман гум шуда рафтани онҳо мегардид. Бо вуҷуди ин, мухлисони шеър баъзе байтҳоро бидуни зикри номи муаллиф ҳамчун байти писандида ба дафтар ё ҳошияи китобе навишта мемонданд, ки ин боиси умри дубора дидани онҳо мегардид. Баъзе фарҳангнигорон бошад, чунин байтҳоро бо пиндошти худ ба шоире нисбат медоданд. Масалан, байти зерин, ки дар нусхаҳои «Шоҳнома»-и ба мо дастрасшуда вуҷуд надорад, аз рӯйи баъзе фарҳангҳо то солҳои охир ба Рӯдакӣ нисбат дода мешуд:

Яке базми хуррам биёростанд,
Майи рӯду ромишгарон хостанд.

Имрӯзҳо бошад муҳаққиқ Қодири Рустам, («Девони Рӯдакӣ», нашри зикршуда, саҳ. 131) аслан ба Фирдавсӣ мансуб будани ин байтро маълум кардааст, ки инро дастгирӣ мебояд, зеро бисёр байтҳои «Шоҳнома» айнан бо чунин қолаб навишта шудаанд, ки байти зерин аз қабили онҳост:

Ба як ҳафта айвон биёростанд,
Майу рӯду ромишгарон хостанд.

Аз муқоисаи ду байти зикрёфта маълум мешавад, ки онҳо қолаби ягонаву мазмуни қариб якхела доранд. Дар ҳақиқат яке аз қолабҳои худи Фирдавсӣ чунин аст, ки вай бисёр байтҳои «Шоҳнома»-ро бо каме тағйир додани вожаҳои як мисраъ ва айнан такрор кардани мисраи дигар эҷод кардааст. Байте, ки мавриди муҳокимаи мо қарор дораду онро шартан «байти Варазрӯд» номидаем, бо худи ҳамин қолаб эҷод шудааст ва чунин даъворо метавон бо далели зерин низ тасдиқ намуд.

Дар ҳудуди Эрони қадим номи дарёе Арванд буд, ки арабҳо пас аз истилои худ ба он Даҷла ном гузоштаанд. Фирдавсӣ дар чанд ҷойи «Шоҳнома» ба ин номҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст, ки яке аз онҳо чунин аст:

Агар паҳлавонӣ надонӣ забон,
Ба тозӣ ту Арвандро Даҷла хон.

Ҳангоми ин байти «Шоҳнома»-ро аз рӯйи қолаб ва мазмун бо «байти Варазрӯд» муқоиса кардан чунин хулоса мебарояд, ки онҳо чун ду мағзи як бодом ба Фирдавсӣ тааллуқ доранд.

Зафар РАҲМАТ,
вилояти ФАРҒОНА.

Дар мактаб-интернати ба санъат ихтисосонидашудаи Бухоро, ки тобеи Академияи бадеии Ӯзбекистон мебошад, дар самти мусиқӣ ва санъати тасвирӣ, бино ба 14 ихтисос, беш аз 400 нафар хонанда асрори ҳунар меомӯзанд.

Дар мактаб-интернат барои пурсамар ташкил шудани машғулоти назарию амалӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Соли хониши 2022-2023 мактаб-интернатро 61 нафар хатм намуда, 43 нафарашон таҳсилро дар муассисаҳои таълими олӣ идома доданд.

Дар акс: *дар мактаб-интернати мазкур.*

Аксбардор: Тоҳир ИСТАДОВ (ӮзА).

АНДЕШАҲО

Занбӯри асал фақат барои худаш шаҳд меғундорад. Одамон бошанд, ба ризқи вай ройгон шарик мешаванд, яъне қуттиҳоро холӣ карда мемонанд.

Бечора занбӯр мебинад, ки захира тамом шудааст, бехабар аз фиреби одамизод, боз аз паси ҷамъоварии насиба мегардад.

***

Асари санъати бадеияташ суст ба хӯроки бенамак монанд аст. Ба хӯрок каме намак андохта истеъмол намудан мумкин. Вале ин амалро дар асари санъат наметавон иҷро кард.

***

Қалами нависанда бояд барои абадият хидмат кунад. Дар акси хол, навиштаҳояшон дер намепоянд.

***

Муллое дар ҷанозае вазъ мехонд, ки «Худо одамони неку некбинро ба наздаш мехонад, яъне худо гулчин аст…»

Шахси шӯхтабиате, ки дар он ҳузур дошт, аз мулло суол кард:

– Муллои муҳтарам, худи шумо чӣ касед?

– Ман одами некбинам, – фавран гуфт мулло.

– Охир, некбин бошед, барои чӣ дар байни мо гаштаед, тезтар ба пешаш равед, намешавад?

– Паймонаи ман ҳоло пур нашудааст, сонӣ ҳар кор ҳам вақту соат дорад, – гуфт мулло шалғам барин сурх шуда.

***

Сухани дурӯғ ба мисли кафки собун аст, онро ҳар қадар пуф кунӣ, ба он андоза калон мешавад.

Вале бо ин ҳама бузургӣ он дер намепояд, кафида, нобуд мегардад.

***

Агар донем, ки комёбиамон боиси нокомии дигарон мегардад, бояд аз он даст кашем.

***

Коғази тозаи сафед аз ҳар рӯз қитир-қитир нависонависи қалам ба риққат омада, арзи шикоят кард:

– Рӯйи шукуфону қалби поки маро хира карда, чӣ менависӣ, қалам?

Қалам суханони коғазро бо таҳаммул шунида, оҳи бадарде кашид:

– Дуруст гуфтӣ. Навиштан – шуғли ман.

Худованди карим ба ман ҳамин касбро ато кардааст. Рӯзе сатре нанигорам, сабру қарорамро гум мекунам.

– Бо вуҷуди ин, чӣ менависӣ? – мароқ зоҳир намуд коғаз.

– Орзуву армон ва дарду доғи халкро қисса мекунам. Гарчи рӯю қалби туро сиёҳ мекунам, ба ту умри дубора мебахшам. Ту акнун коғази одӣ нестӣ. Одамон туро хонда, эҳтиёт мекунанд. Ту дар саҳифаҳои таърих абадулабад боқӣ мемонӣ… Аммо ман бо ин навис-нависи худ рӯз то рӯз адо мегардам, – маъюсона арзи ҳол намуд қалам.

Солеҳ Саид МУРОД.
САМАРҚАНД.

Баъди мутолиаи китоб

ЁДГОРИҲОИ ТАЪРИХИИ БУХОРО ДАР АШЪОРИ АСАД ҒУЛЗОДА

Шеърҳои Асад Ғулзодаи Бухорӣ, ки дар «Куллиёт»-аш фароҳам оварда шудаанд, асосан, мавзӯъҳои Ватан, ишқу муҳаббат, забони модарӣ ва ғузаштаи пурифтихори халкро дар бар гирифтаанд.

Манзараҳои нотакрор, ёдгориҳои меъмории таърихӣ ва зиёратгоҳҳои шаҳри бостонии Бухоро дар эҷодиёти шоир бо хусусиятҳои ба худ хосашон инъикос ёфтаанд:

Бухоро сарҳаду дарвозае дошт,
Дар олам шуҳрату овозае дошт.
Зи душман қалъаашро ҳифз мекард,
Ҳамеша як муҳити тозае дошт.

Шоир асосан ёдгориҳои меъмории Бухорои Шарифро дар ашъори худ ба риштаи тасвир кашидааст. Дарҳақиқат, дар вилояти Бухоро бештар аз як ҳазору ҳафтсад обидаи таърихӣ мавҷуд аст. Дар Бухоро таваллуд шуда, ба обидаҳои таърихии он дил набастан аз доираи ақл берун аст.

Шоир дар порашеъри зерини худ ба маркази ҳунармандону санъаткорон будани Бухорои бостонӣ ишора кардааст:

Шаҳри ҳунармандон аст,
Корхонаи ҷаҳон аст.
Макони зардӯзон аст,
Мактаби патдӯзон аст.

Аз ин шеър метавон хулоса кард, ки шоир таърихро бо либоси бадеият ба хонанда расондан мехоҳад. Зардӯзони Бухоро бо офаридаҳояшон Бухороро шуҳратманд гардондаанду мегардонанд.

Яке аз ёдгориҳои меъмории Бухоро Манораи Калон мебошад. Онро Манораи Арслонхон низ номидаанд. Дар вақти ҳуҷуми Русияи подшоҳӣ ба болои он 26 бомба афтода бошад ҳам, хароб нагардидааст.

Дарҳақиқат калон аст
Шаҳсутуни осмон аст.
Доимо пеши назар,
Машҳур дар ҷаҳон аст.

Калон будани манора, сарсутуни осмони Бухоро ва дар ҷаҳон машҳур будаташро шоир дар шеър бо либоси бадеӣ ба қалам додааст.

Ғулзода ба мадрасаи Мири Араб ҳам шеъре бахшидааст. Инак, порае аз он:

Қатор-қатор ҳуҷраҳо
Пурсафову хушҳаво.
Хонаҳои таълиманд,
Сарчашмаҳои илманд.
Қуръонро таълим диҳанд,
Дарси муаллим диҳанд.
Шогирдон мулло шаванд,
Фозилу доно шаванд.

Мадрасаҳои Бухорои Шариф таълимгоҳи динӣ буданд, ки дар онҳо асосан китоби муқаддаси дини ислом – Қуръони карим таълим дода мешуд. Шоир ин хусусияти ба худ хоси мадрасаҳоро равшан ифода кардааст.

Мақбараи Исмоили Сомонӣ дар Осиёи Марказӣ яке аз ёдгориҳои меъмории нодир буду ҳаст. Шоир дар васфи ин меъмории таърихӣ, аз ҷумла, фармудааст:

Қадамҷои мӯътабар,
Набошедаш бехабар.
Мақбараи шоҳон аст,
Машҳур дар ҷаҳон аст.
Беш аз ҳазору сад сол,
Истода пойбарҷо.
Зиёратгоҳи мардум,
Ибодатгоҳи мардум.

Қадамҷойи қадимтарин будани мақбара, дар он дафн гардидани шоҳ ва шаклу шамоили он дар шеър бо калимаҳои содаву равон ифода шудаанд.

Асад Ғулзода на фақат бахшида ба шаҳри Бухоро, балки дар васфи шаҳрҳои Самарқанд, Душанбе, Теҳрон низ шеърҳо навишта, диди эстетикии худро ба рӯйи авроқ овардааст.

Яке аз шаҳрҳои қадимии Ӯзбекистон Самарқанд мебошад. Шоир бахшида ба Регистони ин шаҳр шеъре дорад, ки порае аз онро иқтибос меоварем:

Як майдони хоса аст.
Фаршаш ғӯё пури рег.
Ба болои манораш,
Бароӣ – осмон наздик.
Идҳои байналхалқӣ,
Дар ин ҷо барпо шавад.
Аз ваҳдати одамон,
Регистон зебо шавад.

Дар шеъри «Теҳрон» ба чунин сатрҳо рӯ ба рӯ меоем:

Ассалом, Теҳрони ман, Эрони ман,
Ассалом, бар пайкари ман – ҷони ман!
Дар ҷаҳони муслимин имони ман,
Дар тани озурдаам дармони ман.
Дил бихоҳад маркази олам шавӣ,
Қиблагоҳи оламу одам шавӣ.
Дар ту будам ҳамчу меҳмон ҳафтае,
Меҳри ту дар дил барам чун тухфае.

Бояд гуфт, ки забони шеърҳои Асад Ғулзода басе содаву фаҳмоанд. Вай дар каломаш аз забони зиндаи халқ бештар истифода кардааст.

Бехрӯз БОЙМУРОДОВ,
донишҷӯйи бахши аввали факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бухоро.

ПАНДИ ЗИНДАҒӢ

Афлотунро гуфтанд:
– Чаро ҳаргиз ғамгин намешавӣ?
Гуфт:
– Дил бар он чӣ намемонад, намебандам!
Фардо як роз аст, нигаронаш набош!
Дирӯз як хотира буд, ҳасраташро нахӯр!
Ва имрӯз як ҳадя аст, қадрашро бидон ва аз ҳар лаҳзаи умрат лаззат бибар!
Аз фишори зиндагӣ натарсед, ба ёд дошта бошед, ки фишори зиёд сангро ба алмос табдил медиҳад…!
Ғами фардоятро нахӯр. Худои дирӯз ва имрӯз Худои фардо ҳам ҳаст!
Мо аввалин бор аст, ки бандагӣ мекунем, вале ӯ қарнҳост, ки Худой мекунад.
Пас ба Худованд бовар кун ва фардову фардоҳоро ба ӯ бисупор!!!

Таҳияи **К. АБДУЛЛОЕВ.**

ДАР РАНГҲО — ТАСВИРИ ЗИНДАҒӢ

Наққошӣ ҳунари қадимӣ буда, дар ин соҳа тасвири ранга ва графика дар иртибот бо ҳам рушд кардаанд. Бо мурури вақт тасвири ранга ва графика ба ду шохаи санъат ҷудо шуда, дар алоҳидагӣ рӯ ба инкишоф ниҳодаанд. Дар ахди Эҳё ва баъд воситаҳои санъати наққошӣ ба маротиб афзуда, техника ва технологияи нав рӯйи кор омадааст. Тасвири ранга ва графикаро аз якдигар ҷудо тасаввур кардан душвор аст. Наққошон дар ҳар ду жанр нақш меофаранд. Ҳангоми баҳо додан ба ҳунари наққош бояд дар мадди назар дошт, ки кадоме аз ин жанрҳо дар эҷодиёти ӯ бартарӣ дорад.

Бояд таъкид кард, ки рангтасвир яке аз намудҳои басе муҳими санъати тасвирӣ маҳсуб мешавад. Он ҳодисаҳо ва муҳити иҳотанамудаи инсонро тавассути рангҳо ба тарзи бадеӣ инъикос менамояд.

Тасвири ранга бо рангҳои гуногун (равғанӣ, обӣ, ширешдор, гуаш, темпера ва ғ.) анҷом дода мешавад. Наққош дар баъзе анвои тасвир бо ранги равғандор сарукор дорад. Дар ин амал лок низ ба кор бурда мешавад. Ин ранг аз пигментҳои ғайриорганикӣ бо илова кардани равғани зайтуни коркардшуда сохта мешавад. Ранги равғандор ба тасвирҳои рӯйи газвору картон ва чӯбу металл ба кор меояд. Наққошиҳое, ки бо ранги равғандор анҷом дода мешаванд, бо ифоданокӣ ва динамикаи худ аз техникаи наққошиҳои дигар фарқ мекунад. Наққошии ҳаҷму вусъати пиндор дар сатҳи ҳамвор имкон медиҳад, ки тасвирҳо рангинтару нафистар ба ҷилва оянд.

То ибтидои қарни XIX ба картинаҳо ранги локдорро бештар молидаанд. Баъзе маълумотҳо доир ба рангтасвир дар сарчашмаҳои аҳди антикӣ ва асрҳои миёна вомехӯранд. Дар нимаи аввали қарни XV аз ҷониби Ян ван Эйк дастгоҳи такмилёфтаи рангтасвир оммавӣ гардид ва дар қарни XVI он ба техникаи пешбари санъати наққошӣ табдил ёфт.

Бояд гуфт, ки имкониятҳои манзаравӣ ва дерпойии картина танҳо ба сифати маводи истифодашуда иртибот надорад, балки ба дуруст кор фармудани технологияи рангтасвир низ вобаста аст. Нуқсонҳое, ки дар осори рангтасвир вомехӯранд, нишонаи он аст, ки ё наққош аз техникаи тасвири ранга огоҳии комил надорад ё сифати тагранг ба талаб ҷавоб намедиҳад.

Рустам ЭРГАШЕВ,
донишҷӯйи Донишкадаи миллии наққошӣ ва дизайни ба номи Камолиддин Беҳзод.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-328.
Адади нашр 4250. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Г. Кабирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 00.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.